# Паёмбаратро Бишнос

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]


Одили Шиддӣ

Аҳмади Мазид

Мутарҷим: Мисбоҳиддини Ҳомид



2012 - 1434

IslamHouse.com

# اعرف نبيك

«باللغة الطاجيكية»

عادل الشدي

أحمد المزيد

ترجمة: مصباح الدين حاميد

2012 - 1434

IslamHouse.com

**Одили Шиддӣ, Аҳмади Мазид**

# Паёмбари ислом Муҳаммад (с)-ро Бишнос

**Душанбе**

"Паёми ошно" -2012

**ББК 86.38+87. 717**

**0 -29**

**Номи китоб: "Паёмбари ислом Муҳаммад (с)-ро Бишнос"**

**Муаллиф: Одили шиддӣ, Аҳмади Мазид**

**Мутарҷим: Мисбоҳиддини ҳомид**

**Муҳарир: Саидаҳмади Қаландар**

**Ҷои чоп: ҶММ "Паёми ошно",**

**Соли чоп: 2012**

Ин рисола, ки даврони зиндагонии паёмбари ислом (с)-ро мухтасаран баён мекунад, махсусан барои ба покизагии ахлоқ, рафтори наку дар оила ва ҷамъият, ҳозир будан дар кумаки ҳоҷатмандон, тарғибу ташвиқ дар илмомузӣ даъват намудани ҷавонон дастури хубест.

Дар кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 10. 01. 2012 таҳти № 343 дар ҳаҷми 2 саҳифа ташхиси давлатии диншиносӣ гузаронида ба чоп тавсия шуд.

**LSBN 978-99947-865-1-0**

# РИСОЛАИ ТАКМИЛ

## Дар шинохти паёмбари ислом (с)

Муддати чанд соли охир аз сирати набавӣ ва рӯзгори хулафои рошидин рисолаҳои зиёде навишта ва ё аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ баргардонида шуда ба табъ расидаанд.

Вале силсилаи рисолаҳои кӯтоҳу пурмуҳтавои Одили Шидди ва Аҳмади Мазид дар бораи паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ва хулафои рошидин, ки ба табъу нашри онҳо интишроти "Паёми ошно" тасмим гирифтааст, аз чанд ваҷҳ беҳтар ва афзалтар ҳастанд.

Аввалан, дар нисбати мухтасар ва аз мазмуну маъноҳои туфайли ва хурофоти дур будан, дувум бар асоси санад ва далелҳои таърихи нигошта шудан ва савум забони сода ва оммафаҳм доштан.

Ва китобе, ки акнун дар дасти хонандаи муҳтарам қарор дорад, на танҳо мухтасари зиндагинома ва аҳволу рафтор, одобу ахлоқи паёмбари исломро дар бар мегирад балки бо доштани ҳуҷҷатҳои собит аз Қуръон, ҳадис, сират, ривояти асҳоб метавонад як

дастури илова ва такмили барои дарки зиндагиномаи барои таърихи башарият ибратомузи паёмбари акрам (с) бошад.

Муаллиф бо сабки соддабаёнӣ тамоми ҷузъиёти ҳаёти паёмбари исломро бидуни иғроқ ва таъасуб, беолоиш бар рангмолиҳои аз доираи таърих ва воқеъияти аз асл берун ва маддоҳона, бар асоси ҳуҷҷатҳои қавӣ ба таври хеле кӯтоҳу мухтасар болои сафҳа овардааст.

Махсусан фаслҳои ахлоқи паёмбар (с), сабру таҳаммул дар ранҷу машаққат, масъалаи ҳиҷрат, ҳикмати ҳиҷрат, усулҳои таълимии паёмбар (с) бар асҳоб ва уммат, тарзи муносибат ва муоширати паёмбар (с) бо мардум, махсусан бо занону тифлон, меҳрубони ва шафқати ӯ бо ҳоҷатмандон ва мустазъафон дар шинохти ростини ислом ва паёмбари бузургвори ӯ барои хонанда ва ислоҳи ахлоқ ва рафтори ҷомеъа, махсусан ҷавонон дастури хуби зиндагӣ хоҳад буд.

**Саидаҳмади Қаландар,**

**Узви Академияи Муколама**

## Паёмбари ислом

## Муҳаммад (с)-ро Бишнос

Ҳамду сано Худованди бузургро ва салавоту салом бар беҳтарини паёмбарон Муҳаммад (с) ва аҳли байту асҳобаш.

Хонандаи азиз! беҳтарин вақтҳое ки мо сипари мекунем ва худро машғули он месозем ин хондан ва саиру гашт дар сирати набави ва рӯзҳои Муҳаммади ҷовидона аст, дуруди бекарон бод, бар равони поки эшон ва аҳли хонадону пайравонаш.

Чун инсон саргузашти Паёмбар (с)-ро мехонад, ҳис мекунад, ки дар он замон зиндаги карда истодааст ва гуё ҳамаи он ҳодисаҳои бузурге, ки мусулмонон дар он замон аз сарашон мегузарониданд, онҳоро дар он ҳодисаҳо ҳамроҳӣ мекунад, ҳатто ҳис мекунад, ки яке аз онҳост.

Дар хондани саргузашти Паёмбар (с) инсон аз чанд чиз бохабар мешавад. Мисли шинохтани шахсияти Паёмбар (с) ва тариқаи ӯ дар ҳаёту зиндагияш, ва даъвати ӯ дар роҳи Худо, дар ҳолатҳои сулҳу ҷанг.

Инчунин хонандаи саргузашти Паёмбар (с), сабабҳои пирӯзиву мағлубшавиро мефаҳмад ва мефаҳмад, ки дар сурате, ки бар сараш чунин ҳодисаҳо биёяд, чигуна бояд рафтор ё амал кунад, чунки ӯ нуқтаҳои заъфу қувватро мефаҳмад.

Инчунин ба хондани саргузашти Паёмбар (с), мусалмонон боварияшонро аз даст намедиҳанд, ва таваккулу яқинашонро ба Худованд қавитар мегардонанд, ва яқин медоранд, ки агар онҳо тоати Худовандро мухлисона ба ҷо биёранд, Худованд онҳоро нусрат медиҳаду ҳамроҳи онҳо мебошад.

Чуноне ки Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَنصُرُواْ ٱللَّهَ يَنصُرۡكُمۡ وَيُثَبِّتۡ أَقۡدَامَكُمۡ ٧﴾ [محمد: ٧]

**«Эи муъминон! Агар нусрат диҳед дини Худоро, албатта нусрат медиҳад Худо шуморо ва собиту барқарор мекунад қадамҳои шуморо».**

(Сураи Муҳаммад, ояти 7)

Инчунин Худованд боз мефармояд:

﴿إِنَّا لَنَنصُرُ رُسُلَنَا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَيَوۡمَ يَقُومُ ٱلۡأَشۡهَٰدُ ٥١﴾ [غافر: ٥١]

**«Албатта мо нусрат диҳем паёмбарони худро ва ононеро ки имон оварданд, дар ҳаёти дунё ва рузе, ки қоим шаванд гувоҳон» (яъне фариштагон гувоҳи медиҳанд).**

(Сураи Ғофир, ояти 51)

Боз Худованд мефармояд:

﴿وَلَيَنصُرَنَّ ٱللَّهُ مَن يَنصُرُهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ٤٠﴾ [الحج: ٤٠]

**«Албатта нусрату ғалаба медиҳад Худо касеро ки қасди нусрат додани дини Худоро кунад, ҳамоно Худо қодиру ғолиб аст».**

(Сураи Ҳаҷ, ояти 40)

Хонандагони азиз, ман дар ин чанд саҳифа каме аз саргузашти паёмбар (с)-ро ҷамъоварӣ кардам ва мақсадам ин аст, ки бародарону хоҳарони мусалмоне, ки дар ин бора маълумоти камтаре доранд, барояшон роҳи ба сӯи хондану маълумоти зиёдтар гирифтанро боз кунам.

Худованд мефармояд:

﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ﴾ [الفتح: ٢٩]

**«Муҳаммад расули Худост»**

(Сураи Фатҳ, ояти 29)

***

## Аслу насаби паёмбар (с)

Ӯ Абулқосим Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луъай ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мадрака ибни Илёс ибни Мазар ибни Наззор ибни Маъд ибни Ъаднон ибни Исмоъил ибни Иброҳим алайҳи салом мебошад.

Инаст насабе, ки миёни уламои аҳли суннат ва ҷамоат дар он иттифоқ шудааст.

***

## Номҳои паёмбар (с)

عن جبير بن مطعم أن الرسول – صلى الله عليه وسلم – قال: { إن لي أسماء، وأنا محمد، وأنا أحمد، وأنا الماحي الذي يمحو الله بي الكفر، وأنا الحاشر الذي يحشر الناس على قدميَّ، وأنا العاقب الذي ليس بعده أحد} [متفق عليه]

**Аз Ҷубаиъйр ибни Мутъим аз Паёмбар (с) ривоят аст, ки гуфт: «Ман номҳое дорам, ман**

**Муҳаммадам ва ман Аҳмадам ва ман Моҳиям, ки Худованд бо ман куфрро аз байн мебарад ва ман Ҳоширам, ки Худованд мардумро назди пои ман ҳашр мекунад ва ман Ъоқибам, ки баъди ман Паёмбаре нест».**

(Муттафақун ъалайҳ)

وعن أبي موسى الأشعري قال: كان رسول الله - صلى الله عليـه وسـلم - يسـمي لنـا نفسه أسماء فقال: {أنا محمد، وأحمد، والمقفي، والحاشر، ونبي التوبة، ونبي الرحمة}

[مسلم]

**Аз Абумусои Ашъарӣ ривоят аст, ки Паёмбар (с) гуфт: «Ман Муҳаммадам ва ман Аҳмадам ва ман Муқаффиям ва ман Ҳоширам ва ман Набии тавбаам, ва ман Набии раҳматам».**

(Ривояти Муслим)

***

## Покии насаби паёмбар (с)

Бидон хонандаи азиз! ки Паёмбари мо аз миёни тамоми мардум ихтиёр карда шудааст.

Худованд падари ӯро аз дучоршавӣ ба зино нигоҳ дошта буд ва дар тӯли ҳаёташ зино накарда буд, яъне Паёмбар (с) аз никоҳи дурусту саҳеҳ ба дунё омада буд.

عن واثلة بن الأسقع - رضي الله عنه - أن النبي - صلى الله عليه وسلم - قال: { إن الله عز وجل اصطفى من ولد إبراهيم إسماعيل، واصطفى من ولد إسماعيل كنانة، واصطفى من بني كنانة قريشاً، واصطفى من قريش بني هاشم، واصطفاني من بني هاشم} [مسلم]

**Аз Восила ибни Асқаъ ривоят аст, ки Паёмбар (с) гуфт: Худованд аз фарзандони Иброҳим Исмоъилро ихтиёр кард ва аз фарзандони Исмоъил Кинонаро ихтиёр кард ва аз бани Кинона қабилаи Қурайшро ихтиёр кард ва аз Қурайш бани Ҳошимро ихтиёр кард ва аз бани Ҳошим маро ихтиёр кард.**

(Ривояти Муслим)

وحينما سأل هرقل أبا سفيان عن نسب رسول الله – صلى الله عليه وسلم – قال: {
هو فينا ذو نسب، فقال هرقل: كذلك الرسل تبعث في نسب قومها } [البخاري]

**Вақте ки Ҳирақл аз Абусуфён насаби паёмбар (с)-ро пурсид, Абусуфён гуфт: Ӯ соҳиби насаб аст (яъне, соҳиби насаби бузургу покаст). Сипас Ҳирақл гуфт: ҳамчунин ҳастанд паёмбарон, аз насаби қавмашон фиристода мешаванд.**

(Ривояти Бухорӣ)

***

## Таваллуди паёмбар (с)

Паёмбар (с) рӯзи душанбе, дар моҳи рабиъулаввали соли Фил, чашм ба дунё кушод.

Уламои таърих мегуянд: вақте ки Омина модари Паёмбар (с) ҳомиладор шуд, гуфт: аз рузе, ки ҳомиладор шудам, ягон вазниниеро ҳис накардам ва чун фарзандам ба дунё омад, нуре буд, ки байни машриқу мағрибро равшан мекард.

في حديث العرباض بن سارية - رضي الله عنه - قال: سمعت رسول الله - صلى الله عليه وسلم - يقول: {إني عند الله في أم الكتاب لخاتم النبيين، وإن آدم لمنجدلٌ في طينته، وسأنبئكم بتأويل ذلك، دعوة إبراهيم، وبشارة عيسى قومه، ورؤيا أمي التي رأت، انه خرج منها نور أضاءت له قصور الشام} [أحمد والطبراني]

**Дар ҳадиси Ирбоз омадааст, ки гуфт: Аз паёмбар (с) шунидам, ки мегуфт: Ман дар китоби назди Худо паёмбари охирин навишта шудаам ва ин вақто буд ки то ҳол Одам аз лой ҷудо нашуда буд ва ман шуморо аз таъвили ин хабар медиҳам, дуъои падарам Иброҳим дар ҳақам ва башорат додани Исо қавмашро дар бораи ман ва хобе, ки**

**модарам дида буд, аз у нуре мебарояд, ки равшанияш ба қасрҳои Шом мерасад.**

(Ривояти Аҳмад ва Табаронӣ)

Дар ривояти саҳеҳтаре омадааст, ки вақте паёмбар (с) дар батни модараш буд, падараш Абдуллоҳ дар синни бистучаҳор солагӣ аз дунё гузашт, яъне паёмбар (с) дар ҳоле ба дунё омад, ки ятим буд.

***

## Ширхорагии паёмбар (с)

Сувайба, канизаки Абулаҳаб паёмбар (с)-ро шир дода буд, инчунин дар қабилаи Саъди, Ҳалимаи Саъдия ӯро шир дод ва дар онҷо тақрибан чаҳор сол буд, то ин ки синааш шикофта шуду аз дохилаш гӯштпораеро берун карда шуд, ки мавзеъи васвасаи шайтону нафс буд.

Баъди ин ҳодиса Ҳалима ӯро ба модараш баргардонд.

***

## Вафоти модари паёмбар (с)

Ҳангоме ки паёмбар (с) бо модараш ба сӯи Мадина сафар карданд, дар роҳ, дар минтақаи Абво модараш аз дунё гузашт, дар ин вақт паёмбар (с) шашсола буд.

Дар айёми соли Фатҳ, вақте ки паёмбар (с) ба сӯи Макка меомад, аз Худованд иҷоза хост, ки қабри модарашро зиёрат кунад, Худованд паёмбар (с)-ро иҷозат дод. Чун паёмбар (с) сари қабри модараш истода гиря кард ва мардуми атрофаш низ ба гиря даромаданд, дар он ҷо Паёмбар (с) гуфт:

{زوروا القبور فإنها تذكر بالموت } [مسلم]

**«Қабрҳоро зиёрат кунед, чунки маргро ба ёд меорад».**

(Ривояти Муслим)

Баъди аз дунё гузаштани модари паёмбар (с) Умми Айман, канизаки падараш паёмбар (с)-ро дар тарбияти худ даровард ва кафолати ӯро падаркалонаш Абдулмуталиб ба уҳда гирифт.

Чун сини паёмбар (с) ба ҳаштсолагӣ расид, падаркалонаш низ дар сини ҳаштоду ду солагӣ аз дунё даргузашт вале қабл аз вафоташ амаки паёмбар (с) Абутолибро васият карда буд, ки кафолати паёмбар (с)-ро ба ӯҳда гирад.

Абутолиб ин васиятро ба ҷо оварду кафолати паёмбар (с)-ро ба ӯҳда гирифт ва ӯро бо тамоми эҳтиёт нигоҳубин кард, ҳатто замоне ки Худованд ӯро ба паёмбарӣ фиристод, бо вуҷуди ин ки Абутолиб мушрик буд, паёмбар (с)-ро дар муқобили кофирон нусрат медоду аз ӯ пуштибонӣ мекард, то Абутолиб низ аз дунё даргузашт.

Чунон ки дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, ба хотири ҳамаи он хизматҳое, ки Абутолиб дар ҳақи паёмбар (с) кард, Худованд азоби ӯро камтар аз дигар мушрикон гардонид.

***

## Худованд паёмбарашро аз амалҳои ҷоҳилият нигоҳ медошт

Худованд паёмбар (с)-ро аз хурдсолӣ аз корҳои бад нигоҳ медошт ва ӯро аз тамоми палидиҳову амалҳои бади ҷоҳилият пок гардонда ва барояш бисёр ахлоқи неку хушмуомилагиро насиб карда буд, то дараҷае, ки ӯро мардум амин мегуфтанд, яъне, инсоне, ки ҳам дар сухану ҳам дар амал содиқ аст ва аз хиёнату дурӯғу фиреб ниҳоят дур аст.

Барои ҳамин чун аҳли Қурайш хостанд хонаи Каъбаро аз нав бино кунанд, аз баски гузоштани санги сиёҳ шаъну шарафи баланд дошт, миёни онҳо ихтилоф рӯй дод, ки кӣ бояд санги сиёҳро (Ҳаҷаруласвадро)-ро дар девор бигузораду соҳиби ин шаъну шарафи баланд гардад.

Дар охир ба чунин хулоса омаданд, ки ҳар касе ки барвақт, аввалин шуда  ба назди хона биёяд, ҳамон кас сангро хоҳад гузошт.

Чун фардо субҳ шуд, паёмбар (с) аввалин шуда назди хонаи Каъба ҳозир шуд ва мардум диданд, ки паёмбар (с) аввалин шуда омад розӣ шуданду

гуфтанд: мо розӣ ҳастем, ки Амин сангро дар девор бигузорад. Сипас паёмбар (с) куртаашро дар замин гузошту сангро дар дохилаш монд ва амр кард, ки ҳар як қабила аз гӯшае аз ин курта бардоранд ва паёмбар (с) сангро аз болои курта гирифту дар девор гузошт.

(Ривояти Аҳмад ва Ҳоким саҳеҳаш гуфтааст)

***

## Хонадоршавии паёмбар (с)

Паёмбар (с) дар синни бисту панҷсолагӣ ба ҳазрати Хадиҷа хонадор шуд. Вақте ки паёмбар (с) ба молҳои Хадиҷа бо ҳамроҳии ғуломи Хадиҷа, Майсара ба сафари тиҷорат ба сӯи Шом баромаданд, Майсара сидқу амонати паёмбар (с)-ро дид ва пас аз баргаштан ҳамаи он сидқу амонати паёмбар (с)-ро дар назди Хадиҷа қисса кард, Хадиҷа баъди шунидан аз сидқу амонати паёмбар (с) ба хулоса омад, ки бо паёмбар издивоҷ кунад.

***

## Вафоти Хадиҷа

Ҳазрати Хадиҷа се сол қабл аз ҳиҷрати паёмбар (с) ба Мадина вафот кард.

Паёмбар (с) то замоне ки Хадиҷа зинда буд, бидуни ӯ зан нагирифта буд, аммо чун ӯ аз дунё даргузашт, Савда, духтари Замъаро ба занӣ гирифт, сипас ҳазрати Оишаро. Ва касеро ҷуз ҳазрати Оиша духтари бокира ба занӣ нагирифта буд, сипас Ҳафса, духтари ҳазрати Умарро ба занӣ гирифт, баъд аз ӯ Зайнаб духтари Хузаймаро ба занӣ гирифт ва баъд аз ӯ Умми Саламаро ба занӣ гирифт, инчунин Зайнаб духтари Ҷаҳш, ва Ҷувайриа духтари Ҳорис, ва Умми Ҳабиба, духтари Абусуфён ва Сафия, духтари Ҳай ва охирин зане, ки гирифта буд, Маймуна, духтари Ҳорис буд.

***

## Фарзандони паёмбар (с)

Фарзандони паёмбар (с) ҳамаашон аз ҳазрати Хадиҷа (р) буданд, магар Иброҳим, ки аз Морияи Қибтия буд.

Морияи Қибтияро Муқавқис, шоҳи онвақтаи Миср ба паёмбар (с) ҳадя карда буд.

Номҳои фарзандони паёмбар (с) аз бачаҳо, яке Қосим ном дошт, ки паёмбар (с)-ро бо номи ӯ куня дода буданд, барои ҳамин паёмбар (с)-ро Абулқосим мегуфтанд.

Қосим баъди тавалудаш чанд рӯзе зинда монду аз дунё гузашт, инчунин дигар фарзандонаш Тоҳиру Тайиб буданд ва дар дигар ривоят омадааст, ки яке аз фарзандонаш Абдуллоҳ ном доштy лақабаш Тоҳиру Тайиб буд.

Аммо Иброҳим дар Мадина ба дунё омада буд ва як солу ҳашт моҳ умр дида, сипас аз дунё даргузашт.

Аммо духтарони паёмбар (с) бошанд, аз ҳама духтари калонияш Зайнаб буд, ки шавҳараш бачаи холааш Абулъос буд, духтари дуюми паёмбар (с)

Руқия ном дошт, ки шавҳараш ҳазрати Усмон буд. Духтари сеюмаш Фотима буд, ки шавҳараш ҳазрати Алӣ буд, духтари чаҳорумаш Умми Кулсум буд, ки паёмбар (с) баъд аз ин ки Руқия аз дунё даргузашт, Умми Кулсумро ба никоҳи ҳазрати Усмон даровард.

Дар ривояти дигар омадааст, ки Паёмбар (с) ба Усмон (р) гуфт:

**«Эй Усмон, агар ман духтари дигаре медоштам, ӯро низ ба ту медодам».**

Ин ҳам аз зиёд будани меҳру муҳаббати паёмбар (с) ба Усмон (р) буд.

Имом Нававӣ мегуяд:

**Бе ягон хилоф миёни уламо паёмбар (с) чаҳор духтару се бача дошт.**

***

## Наберагони паёмбар (с)

Наберагони паёмбар (с) аз духтараш ҳазрати Зайнаб, Алӣ ва дуюмаш Умома буд.

Ва аз ҳазрати Руқия, Абдуллоҳ буд, ки дар хурдсолияш аз дунё даргузашт.

Аз ҳазрати Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн ва Умми Кулсум ва Зайнаб буданд.

***

## Амакҳои паёмбар (с)

**Онҳое, ки ислом наоварданд:**

**1-** Ҳорис,

**2-** Зирор,

**3-** Абулаҳаб,

**4-** Абутолиб,

**5-** Ҳаҷал,

**6-** Зубайр

**Онҳое, ки ислом оварданд:**

**1-** Аббос,

**2-** Муқаввим,

**3-** Ҳамза.

***

## Аммаҳои паёмбар (с)

**Онҳое, ки ислом наоварданд:**

**1-** Отика,

**2-** Умми Ҳаким,

**3-** Умайма,

**4-** Барраҳ,

**Онҳое, ки ислом оварданд:**

**1-** Сафия,

**2-** Арва,

***

## Худованд паёмбарашро ба сӯи мардум фиристод

Вақте ки Худованд паёмбар (с)-ро ба сӯи мардум фиристод, чиҳилсола буд, дар таърихи ҳабдаҳуми рамазон, рӯзи душанбе малоика (Ҷабраил) ваҳйи (суханони) Худовандро ба паёмбар (с) расонд. Вақте ки ба паёмбар (с) ваҳй нозил мешуд, бар сараш каме вазниние меомад, то дараҷае, ки аз шиддаташ рангаш дигар мешуду пешонияш арақ мекард.

Чун аввалин бор Ҷабраил (а) назди паёмбар (с) омад, ба ӯ гуфт: (اقرأ) яъне, "Бихон".

Паёмбар (с) гуфт: ман хонда наметавонам, сипас Ҷабраил (а) ӯро дар оғуш гирифта фишурду боз гуфт: бихон.

Паёмбар (с) гуфт: хонда наметавонам ва ин кор се бор такрор ёфт, сипас Ҷабраил (а) гуфт:

﴿ٱقۡرَأۡ بِٱسۡمِ رَبِّكَ ٱلَّذِي خَلَقَ ۝١ خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ مِنۡ عَلَقٍ ۝٢ ٱقۡرَأۡ وَرَبُّكَ ٱلۡأَكۡرَمُ ۝٣ ٱلَّذِي عَلَّمَ بِٱلۡقَلَمِ ۝٤ عَلَّمَ ٱلۡإِنسَٰنَ مَا لَمۡ يَعۡلَمۡ ۝٥﴾ [العلق: ١ – ٥]

**"Бихон ба номи Парвардигорат, ки биёфарид,**

**Биёфарид одамиро аз лахтаи хуне.**

**Бихон! Ва Парвардигори ту арҷмандтарин аст.**

**Худое, ки ба воситаи қалам омӯзиш дод.**

**Ба одамӣ он чиро, ки намедонист, биёмухт".**

(Сураи Алақ, оятҳои 1- 5)

Паёмбар (с) баъди шунидани ин оят, ба назди Хадиҷа дар ҳоле баргашт, ки аз тарси ончи ки дид, меларзид ва Хадиҷаро аз ҳодиса хабар дод, Хадиҷа паёмбар (с)-ро дилбардорӣ карду гуфт:

**Ман туро башорат медиҳам, Худованд ҳеҷ гоҳ туро ноумеду ноком намегардонад, чунки ту силаи раҳматро бо хешовандонат ба ҷо меорӣ ва дуруғгӯ нестӣ ва ятимонро пуштибону бенавоёнро кумаккунанда ҳастӣ.**

Сипас муддати чанд вақт ваҳй қатъ шуд. Паёмбар (с) дигар Ҷабраил (а)-ро надид. Паёмбар (с) ғамгин шуду ишқаш ба сӯи нозил шудани ваҳи рӯз ба рӯз зиёд мешуд, сипас Ҷабраилро дид, ки миёни осмону замин дар курсие нишаста буд. Паёмбар (с)-ро дилбардорӣ карду ӯро башорат дод, ки у паёмбари

барҳақи Худованд аст. Вақте ки паёмбар (с) ӯро дид, тарсиду ба назди Хадиҷа рафту ба у гуфт:

**«Маро бипӯшонед, маро бипӯшонед»** ва Худованд ин оятҳоро нозил кард.

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمُدَّثِّرُ ۝١ قُمۡ فَأَنذِرۡ ۝٢ وَرَبَّكَ فَكَبِّرۡ ۝٣ وَثِيَابَكَ فَطَهِّرۡ ۝٤﴾ [المدثر: ١ – ٤]

**«Эи марди ҷома бар худ печида** (аз ҳайбати ваҳй). **Бархезу огоҳӣ бидеҳ** (мардумро аз азоби охират). **Ба бузургӣ ёд кун Парвардигоратро. Ва либосҳои худро пок соз».**

(Сураи Муддасир, оятҳои 1-4)

Дар ин оятҳо Худованд паёмбар (с)-ро амр кард, ки қавмашро огоҳӣ бидиҳаду онҳоро ба сӯи Худо даъват кунад. Паёмбар (с) барои қабули ин амри Худованд шитофту амри Худоро бо тамоми камолият ба ҷо овард, хурду калон, ғулому озод, мардҳову занҳо, сиёҳу сафед, хулоса ҳамаро ба сӯи Худованд даъват кард, аз ҳар як қабила касеро, ки Худованд ба ислом гаравиданро насиб гардонда буд, даъвати паёмбар (с)-ро пазируфтанду комёбии дунёву охиратро дарёфтанд.

Ва исломро бо дили пуру қаноъат қабул карданд, авбошону мушрикони Макка онҳоро азобҳои гуногун доданд, то аз ислом рӯй гардонанд, аммо паёмбар (с)-ро, ки амакаш Абутолиб дар ҳимояти худ гирифта буд, ба ҳамин хотир ҷуръат намекарданд ба ӯ осебе бирасонанд, зеро онҳо аз меҳру муҳабати Абутолиб нисбат ба паёмбар (с) бохабар буданд ва медонистанд ки паёмбар (с) дар назди Абутолиб чи қадар манзалати баланд дорад.

Муарихони таърихи ислом менигоранд:

Паёмбар (с) то муддати се сол даъваташро ба таври пинҳони пеш мебурд, то инки Худованд ин оятро нозил карду ӯро амр кард ки даъваташро ошкор кунад:

﴿فَٱصۡدَعۡ بِمَا تُؤۡمَرُ ٩٤﴾ [الحجر: ٩٤]

**«Пас ошкоро ба ҷо биёр (он даъвати ҳақро) ки ба он амр шудаи».**

(Сураи Ҳиҷр, ояти 94)

Ва паёмбар (с) даъваташро бо таври ошкор шуруъ кард, сипас ин оят нозил шуд:

﴿ وَأَنذِرۡ عَشِيرَتَكَ ٱلۡأَقۡرَبِينَ ٢١٤ ﴾ [الشعراء: ٢١٤]

**«Ва огоҳӣ бидеҳ (аз азоби Худо) хешовандони наздики худро».**

(Сураи Шуъаро, ояти 214)

Паёмбар (с) баъди ин амри Худованд болои кухи Сафо баромаду бо садои баланд гуфт:

يا صباحاه! يا صباحاه!

Яъне:

**«Эи вой бар ҳоли шумо дар ин сабоҳ! Эи вой бар ҳоли шумо дар ин сабоҳ!»**

Мардум чун инро шуниданд, гуфтанд, ин ки бошад, ки фарёд мезанаду мардумро метарсонад!? Гуфтанд: Муҳаммад аст, сипас мардум оҳиста-оҳиста дар атрофи паёмбар (с) ҷамъ шудан гирифтанд.

Паёмбар (с) гуфт:

**«Эй қабилаи фулон... ва эй қабилаи фулон... эй фарзандони Абдуманоф! Эй фарзандони Абдулмуталлиб!»**

То ин ки дар атрофи паёмбар (с) ҳама қабилаҳои Қурайш ҷамъ шуданд, сипас гуфт:

**«Эй мардум, агар ман ба шумо бигуям, ки пушти ин кӯҳ лашкаре омодааст ва мехоҳад, ки бар сари шумо ҳамла кунад, оё шумо маро бовар мекунед?»**

Мардум гуфтанд, мо аз ту то ҳол дурӯғе нашунидаем, албатта боварат мекунем.

Пас паёмбар (с) гуфт:

**«Ман шуморо огоҳӣ медиҳам, ки дар байни дастони ман азоби сахтест барои саркашон».**

Абулаҳаб гуфт:

**Ҳалок шавӣ, оё барои ҳамин моро ҷамъ кардӣ!?**

Ва аз он ҷо рафт. Баъди ин кори Абулаҳаб ин оят нозил шуд:

﴿تَبَّتۡ يَدَآ أَبِي لَهَبٖ وَتَبَّ ١﴾ [المسد: ١]

**«Ҳалок бод ҳарду дасти Абулаҳаб» (киноя аз зоти Абулаҳаб аст, яъне ҳалок бод Абулаҳаб)**

(Сураи Масад, ояти 1)

***

## Сабри паёмбар (с)

## бар азобҳову машаққатҳо

Паёмбар (с) дар ҳама азобҳову машақатҳое, ки аз қавмаш медид, сабр мекарду аҷру савобашро аз Худованд талаб мекард ва саҳобаҳояшро амр кард, ки аз ҷавру зулми мушрикон ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат кунанд.

Ибни Исҳоқ мегуяд:

**Чун амаки паёмбар (с) Абутолиб аз дунё гузашт, Курайш паёмбарро чунон озору шиканҷа доданд, ки дар ҳаёташ чунин озору шиканҷаро надида буд.**

Абунуъайм аз Абуҳурайра ривоят мекунад, ки гуфт:

{ لما مات أبو طالب تجهَّموا رسول الله - صلى الله عليه وسلم - فقال: يا عم ما أسرع ما وجدت فقدك }.

**Чун Абутолиб аз дунё даргузашт, мушрикон чунон бо паёмбар (с) турушрӯӣ карданд, ки**

**паёмбар (с) гуфт: эй амакам, аз даст додани ту, чи қадар тез ба сарам омад.**

Ва дар Саҳиҳ Бухорӣву Муслим омадааст, ки: **«Паёмбар (с) намоз мехонд ва дар наздикияш ишкамбаи ҳайвоне буд, Уқба ибни Абимуъйт он ишкамбаро гирифта ҳангоми саҷдаи паёмбар (с) бар болои пушташ андохт. Паёмбар (с) аз ҷояш хеста натавонист, то ин ки ҳазрати Фотима омаду ишкамбаро аз пушти паёмбар (с) гирифту ба дур андохт.** Паёмбар (с) вақто сарашро бардошт гуфт: **Парвардигоро Қурайшро ба ту супурдам».**

Ва дар ривояти дигари Бухорӣ омадааст, ки Уқба ибни Абумуъйат куртаашро дар гардани паёмбар (с) андохту ӯро бо шиддат ба тарафи худаш кашид, то ки ҳазрати Абубакр (р) омаду Уқбаро як тараф тела доду гуфт: **оё мардеро мекушед, ки мегуяд: Худоям Аллоҳ аст?!.**

***

## Раҳми паёмбар (с) ба қавмаш

Вақте ки Абутолиб ва ҳазрати Хадича аз дунё гузаштанд, рӯз ба рӯз озору азияти Қурайш ба паёмбар (с) зиёд шудан гирифт, то ин ки паёмбар (с) маҷбур шуд аз Макка ба сӯи Тоиф биравад ва қабилаҳои Сақифро ба Ислом даъват кард вале дар ивазаш аз тарафи онҳо, магар душманиву масхарагӣ ва озору азиятдиҳӣ чизи дигаре надид. Ӯро бо сангҳо заданд, пушташро хунолуд карданд, сипас паёмбар (с) ба хулосае омад ки дубора ба Макка боз гардад.

Паёмбар (с) гуфт:

{ انطلقت – يعني من الطائف – وأنا مهموم على وجهي، فلم استفق إلا وأنا بقرن الثعالب – ميقات أهل نجد – فرفعت رأسي فإذا سحابة قد أظلتني، فنظرت، فإذا فيها جبريل عليه السلام، فناداني فقال: إن الله قد سمع قول قومك لك، وما ردّوا عليك، وقد أرسل لك ملك الجبال لتأمره بما شئت فيهم، ثم ناداني ملك الجبال، قد بعثني إليك ربك لتأمرني بما شئت، إن شئت أن أطبق عليهم الأخشبين – جبلان بمكة – فقال رسول الله - صلى الله عليه وسلم -: بل أرجو أن يخرج الله من أصلابهم من يعبد الله وحده لا يشرك به شيئاً } [متفق عليه]

**«Дар ҳоли ғаму андуҳ бидуни ирода ба тарафе равон шудам, то ба худ омадам, дидам, ки назди**

**минтақаи Қарни Саъолиб расидам, чун сарамро боло кардам, дидам, ки абрҳо маро соя мекунанд, чун назар кардам, ки Ҷабраил дар болои абр аст.**

**Ӯ маро нидо карда гуфт: эй Муҳаммад, Худованд ҳамаи он чи қавмат ба ту гуфтанд, шунид ва ҳамроҳи ман малоикаи кӯҳҳоро фиристодааст, ҳар чи ки мехоҳӣ барои ин қавмат амраш бикун, ба ҷо меорад, сипас малоикаи кӯҳҳо ба ман салом доду гуфт: эй Муҳаммад! Худованд он чи ки қавмат ба ту карданду гуфтанд, шунид, ман малоикаи кӯҳҳо мебошам, Парвардигорат маро ба сӯи ту фиристод, то ҳар чи ки маро дар ҳақи қавмат амр кунӣ, ба ҷо меорам, агар бихоҳӣ Ахшабайнро (ду кӯҳи бузургеро ки дар атрофи Макка буданд) бар болояшон чаппа мекунам. Паёмбар (с) гуфт: на, балки ман умед дорам, ки Худованд аз наслҳои онҳо касонеро ба дунё биёрад, ки Худованди ягонаро бипарастанду ба ӯ шарик наёранд».**

(Муттафақун алайҳ)

Паёмбар (с) ҳар як муддати муайян мебаромаду ба қабилаҳо пешниҳод мекард:

﴿من يؤويني؟ من ينصرني؟ فإن قريشاً قد منعوني أن أبلغ كلام ربي!﴾.

**«Кӣ маро ҷой медиҳад? Маро кӣ нусрат медиҳад? Маро Қурайш аз тамоми чиз манъ карданд, ман мехоҳам сухани Парвардигорамро ба мардум бирасонам!»**

Сипас паёмбар (с) вақти мавсими зиёрат дар назди Ақаба шаш нафарро аз аҳли Мадина вохӯрд, ба онҳо исломро пешниҳод кард, онҳо исломро қабул карда мусалмон шуданд, сипас ба сӯи қавмашон равона шуда ва онҳоро ба ислом даъват карданд, то дар он ҷо ислом интишор шуд, пас аз ин байъати Ақабаи якуму дуюм барпо шуд ва ин байъатҳо сиррӣ буданд. Чун идае аз аҳли Мадина ислом оварданд, паёмбар (с) бо саҳобаҳояш, паи ҳамдигар ба Мадина ҳиҷрат карданд.

***

## Ҳиҷрати паёмбар (с) ба Мадина

Паёмбар (с) бо ҳамроҳии Абубакр (р) ба самти Мадина роҳ пеш гирифтанд, дар ғори Савр се рӯз монданд, то ки Қурайш онҳоро пайдо накунанд, сипас роҳашонро давом дода дохили Мадинаи мунаввара шуданд. Мардуми Мадина онҳоро бо тамоми меҳрубонӣ ва хушӣ қабул карданд.

Паёмбар (с) дар Мадина ҳам масҷидашро ва ҳам хонаашро бино кард.

***

## Ғазавоти паёмбар (с)

Аз ибни Абос ривоят аст, ки гуфт: **чун паёмбар (с) аз Макка ҳиҷрат кард, Абубакр (р) гуфт: "Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун" паёмбарашонро берун карданд, бешубҳа ки онҳо ҳалок хоҳанд шуд, сипас Худованд ин оятро нозил кард:**

﴿أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَٰتَلُونَ بِأَنَّهُمۡ ظُلِمُواْ﴾ [الحج: ٣٩]

**«Дастури ҷиҳод дода шуд ононро, ки куффор бо эшон ҷанг мекунанд».**

(Сураи Ҳаҷ, ояти 39)

Ва ин аввалин ояте буд, ки барои ҷиҳод нозил шуд.

Ҳангоми ҳаёти паёмбар (с) миёни ӯ ва мушрикон бистуҳафт бор ҷанг шуда буд дар нӯҳтои ин ҷангҳо паёмбар (с) шахсан иштирок карда буд.

Аз ҷумлаи ҷангҳое ки иштирок карда буд, Бадр, Уҳуд, Мурайсаъ, Хандақ, Қурайза, Хайбар, Фатҳ,

Ҳунайн, Тоиф, инчунин панҷоҳу шаш маротиба замони ҳаёташ лашкари хурдро равона карда буд.

***

## Ҳаҷу умраи паёмбар (с)

Паёмбар (с) баъд аз он ки ба Мадина ҳиҷрат кард, ҳамагӣ як бор ҳаҷ кард, ки онҳам Ҳаҷатулвадоъ буд (ҳаҷе, ки баъд аз он дунёро видоъ гуфт).

Аммо ҳаҷи умраро бошад, ҳамаги чаҳор бор анҷом дода буд, ки ҳамаашон дар моҳи Зулқаъда буданд, магар умрае, ки ҳамроҳи ҳаҷаш карда буд.

Умраи якумаш, умраи Ҳудайбия буд, ки мушрикон аз он манъаш карда буданд, умраи дуюмаш Умратулқазо буд, умраи сеюмаш умраи Ҷаърона буд, умраи чаҳорумаш умраи ҳамроҳи ҳаҷаш буд.

***

## Сифатҳои паёмбар (с)

Паёмбар (с) китфҳои паҳм дошт, қоматаш на баланди зиёд буду на паст, балки миёна буд, пӯсти арғувонӣ дошт, яъне сафеди моил ба сурхча буд, чашмони сиёҳ дошт, сари синааш мӯи камтар дошт ва дар байни синаву шиками мубораках каме мӯй дошт.

***

## Ахлоқи паёмбар (с)

Аз беҳтарини мардум ва ростгӯйтарин инсон дар суханҳояш ва мулоимтарин табиъат ва мукарамтарини мардум буд, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ۝٤﴾ [القلم: ٤]

**«Ҳамоно ту бар ахлоқи бузург пойдор ҳастӣ»**

(Сураи Қалам, ояти 4)

Инчунин яке аз шуҷоътарин ва ботавозуътарин ва бо ҳаётарини инсонҳо буд, ҳатто аз духтари бошарме, ки аз хона берун намеояд, ҳаёи паёмбар (с) зиёдтар буд, ҳадяро қабул мекарду ҳадя медод, садақаро на қабул мекарду на мехӯрд, ба хотири худаш ғазаб намекард, балки агар ғазаб мекард, ба хотири Худо ғазаб мекард ва ҳар намуд таъоме ки ба наздаш меоварданд, ӯро барнамегардонд, балки аз он мехурд ва дар таъом таъна ҳам намезад ва чизеро ки барои ӯ намеоварданд, талаб намекард ва таъомашро такязада ё ба пушт ё ба шикам зада намехӯрд.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо мегузашту аз хонаҳояш дуди оташи таъомпазӣ намебаромад, бо фақирону камбағалон менишаст, беморонро хабар мегирифту дар ҷанозаҳо ҳозир мешуд.

Гоҳҳо шухӣ мекард, лекин дар шухиҳояш ҳақро мегуфт ва механдид, лекин қаҳқаҳа намекард ва бо аҳлу оилааш рафтори хуб мекард, онҳоро кӯмак мекард ва мегуфт:

{خيركم خيركم لأهله وأنا خيركم لأهلي } [الترمذي]

**«Беҳтарини шумо касест, ки барои аҳлу оилааш беҳтарин бошад ва ман бар оилаам беҳтарин ҳастам».**

(Ривояти Тирмизӣ)

Аз Анас ривоят аст, ки гуфт:

**Ман даҳ сол ба паёмбар (с) хидмат кардам, дар ин муддат ягон вақте нашуда буд, ки кореро карда бошаму ба ман гуфта бошад, ки чаро ин корро кардӣ ва нашуда буд вақте, ки кореро накарда бошам, ба ман гуфта бошад, ки чаро ин**

**корро накардӣ, ё гуфта бошад, ки ту бояд ин корро мекардӣ!!.**

Барои мардум бисёр лутфу меҳрубонӣ мекард, ба онҳо муъҷизаҳо нишон медод.

Яке аз муъҷизаҳояш ин буд, ки моҳро Худованд барояш ду пора карда буд ва аз миёни ангуштонаш об ҷорӣ шуда буд, инчуни дарахти хурмо ба сӯяш сар хам карда буд ва уштур дар наздаш шикоят карда буд ва Худованд ӯро аз баъзе корҳои ғайб хабардор карда буд, ҳар коре ки пешгӯӣ мекард, ҳатман он кор рӯй медод.

***

## Фазлу бузургии паёмбар (с)

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки паёмбар (с) гуфт:

{أعطيت خمساً لم يعطهن أحدٌ قبلي: نصرت بالرعب مسيرة شهر، وجعلت لي الأرض مسجداً وطهوراً، فأيما رجل من أمتي أدركته الصلاة فليصل، وأحلت لي الغنائم ولم تحل قبلي، وأعطيت الشفاعة، وكان النبي يبعث إلى قومه، وبعثت إلى الناس كافة}

[متفق عليه]

**«Худованд панҷ чизро барои ман дода буд, ки ба дигарҳо онро надода буд: Ҳайбатам пеш аз як моҳа роҳ расиданам дар дилҳои кофирон пайдо мешавад ва тамоми рӯи замин бароям намозгоҳ қарор дода шуд, барои ҳамин ҳар касе аз умматонам, агар вақти намоз биёяд, метавонад дар ҳар куҷои рӯи замин намозашро бихонад (барпо дорад) ва ғаниматҳо бароям ҳалол гардиданд, дар ҳоле ки ба паёмбарони пеш аз ман ҷоиз набуданд ва Худованд бароям шафоъатро дод ва паёмбарони пеш аз ман ҳар кадомашон ба сӯи қавмашон фиристода мешуданд вале ман ба сӯи тамоми мардум фиристода шудам».** (Муттафақун алайҳ)

Ва дар ривояти дигаре имом Муслим аз Анас ибни Молик ривоят мекунад, ки паёмбар (с) гуфт:

{أنا أول الناس يشفع يوم القيامة، وأنا أكثر الأنبياء تبعاً يوم القيامة، وأنا أول من يقرع باب الجنة}

**«Ман аввалин шафоъаткунандае ҳастам, ки рӯзи қиёмат шафоъат хоҳам кард ва ман аз бисёртарини паёмбарон уммат дорам ва ман аввалин касе ҳастам, ки дари ҷаннатро мекубам».**

Ва дар ривояти дигаре аз Абуҳурайра омадааст, ки паёмбар (с) гуфт:

{أنا سيد ولد آدم يوم القيامة، وأول من ينشقُّ عنه القبر، وأول شافع وأول مُشفع}

**«Ман сарвари фарзандони Одам (а) ҳастам ва аввалин касе ҳастам, ки қабрам шикофта мешаваду мебароям ва аввалин шафоъаткунанда ҳастам ва аввалин касе ҳастам, ки Худованд шафоъатамро мепазирад».**

***

## Ибодатҳо ва рӯзгору маъишати паёмбар (с)

Ҳазрати Оиша мегуяд:

{كان رسول الله - صلى الله عليه وسلم - يقوم حتى تتفطر قدماه، فقيل له في ذلك، فقال: أفلا أكون عبداً شكوراً } [متفق عليه]

**Паёмбар (с) чунон дар шабҳо намози зиёд мехонд, ки пойҳояш варам мекарданд, чун инро ба ӯ ёдоварӣ мекарданд, мегуфт: оё бандаи шукргузор набошам?!.**

(Муттафақун алайҳ)

Ва тахти хобе, ки дар болояш хоб мекард, аз зишттарин пусти дарахти хурмо бофта шуда буд.

Инчунин аз ибни Умар ривоят шудааст, ки гуфт: **Паёмбар (с)-ро дидам, ки рӯзашро бегоҳ мекард ва агарчи хурмои баде ҳам пайдо мекард, мехӯрд, то ки гуруснагиро аз худ дур кунад.**

Лекин хонандаи азиз, инро бояд донист, ки ҳар мушкилву машаққате, ки дар дунё дид ва аз сараш гузашт, ин барояш басанда аст, ки сайиди зиндаҳову гузаштагонуояндаҳо аст ва шукру сипос Худоеро, ки

моро аз умматони ӯ гардонд ва моро Худованд барои тоъати ӯ муваффақ гардонд, ва боз дуъо мекунем, ки Худованд моро дар ҳоле ҳашр кунад, ки Қуръону Суннат дар синаҳои мо бошад.

Омин! Омин!

***

## Муҳимтарин ҳодисаҳое, ки дар ҳаёти паёмбар (с) гузаштанд

**1-** Шаби Исро ва Меъроҷ (шабе буд ки паёмбар (с) ба назди Худованд рафт), ин ҳодиса се сол пеш аз ҳиҷрат рӯй дода буд ва дар ҳамин шаб намоз фарз гардид.

**2-** Соли якуми ҳиҷрӣ: ҳиҷрати паёмбар (с) ҳамроҳи Абубакр (р) ба Мадина ва бинои масҷиду бунёди давлати исломӣ ва фарз шудани закот бар мусалмонон.

**3-** Соли дуюми ҳиҷрӣ: Ҷанги Бадр, Худованд дар ин ҷанг мусалмононро пирӯз гардонд, агарчи ададй мушрикон бо муҳимоти ҷагияшон се ё чаҳор баробари мусалмонон буд.

**4-** Соли сеюми ҳиҷрӣ: Ҷанги Уҳуд, дар ин ҷанг ба сабаби пайравӣ накардани баъзе мусалмонон аз таълимоти ҷангии паёмбар (с) мағлуб шуданд.

**5-** Соли чаҳоруми ҳиҷрӣ: Ҷанг бо қабилаи бани Назир. Баъди ин ҷанг паёмбар (с) ин қабила, ки яҳудӣ буданду аҳдашонро бо паёмбар (с) шикастанд, онҳоро аз Мадина берун кард.

**6-** Соли панҷуми ҳиҷрӣ: Ҷанги қабилаи Бани Мусталақ ва ҷанги Бани Қурайза ва ҷанги Аҳзоб рӯй дода буд.

**7-** Соли шашуми ҳиҷрӣ: Сулҳи Ҳудайбия ва дар ҳамин сол нӯшидани шаробҳои масткунанда ҳаром гардид.

**8-** Соли ҳафтуми ҳиҷрӣ: Ҷанги Хайбар, дар ҳамин сол паёмбар (с) зиёрати умраро ба ҷо овард ва дар ҳамин сол паёмбар (с) Сафия, духтари Ҳуяйро ба занӣ гирифт.

**9-** Соли ҳаштуми ҳиҷрӣ: Ҷанги Муъта миёни мусалмонон ва Рум, ин чунин Фатҳи Макка ва ҷанги Ҳунайн бар зидди қабилаҳои Ҳавозин ва Сақиф рӯй дода буд.

**10-** Соли нуҳуми ҳиҷрӣ: Ҷанги Табук, ин ҷанг охирин ҷангҳое буд, ки дар ҳаёти паёмбар (с) ба вуқуъ пайваст.

Дар ҳамин сол намояндагони қабилаҳо, назди паёмбар (с) омаданд ва мардум гурӯҳ-гурӯҳ (ҷамоат-ҷамоат) ислом оварданд, барои ҳамин ин солро соли (вуфуд) намояндагон ном гузоштанд.

**11-** Соли даҳуми ҳиҷрӣ: Ҳаҷҷатулвадоъ (ҳаҷе, ки паёмбар (с) баъди он аз дунё гузашт), дар ин ҳаҷ аз сад ҳазор зиёд мусалмон бо ҳамроҳии паёмбар (с) ҳаҷ карданд.

**12-** Соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ: вафоти паёмбар (с).

Рӯзи душанбеи моҳи рабиъулаввал, дар синни шасту сесолагӣ паёмбар (с) аз дунё гузашт ва дар ҳамин сол мусалмонон ба ҳазрати Абубакр (р) ҳамчун халифаи мусалмонон байъат кардан.

Паёмбар (с) чиҳил соли умрашро пеш аз паёмбарияш гузаронида буд ва бисту сесоли умрашро дар паёмбарӣ сипарӣ карда, сездаҳ соли паёмбарияшро дар Макка ва даҳ соли паёмбарияшро дар Мадина гузаронидааст.

Салавоту дуруд бар набии мо ва олу асҳобаш

***

## Ҳамоно ту дорои ахлоқи азиме ҳастӣ.

## Намунае аз ахлоқи паёмбар (с)

Ҳамду сано Худованди бузургро ва салавоту салом бар беҳтарини паёмбарон, Муҳаммади Мустафо (с) ва аҳли байту асҳобаш.

Ахлоқу одоби паёмбар (с) асари бузурге дошт дар даъвату тарбият ва бинои уммати мусулмони қавӣ ва як насле, ки пешво ва қодир бар интишор кардани ислом дар ин олами васеъ буданд.

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби ин ахлоқу тарбияти муҳаммадӣ баъд аз он куфру гумроҳӣ имон оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд аз гумроҳӣ ҳидоят ёфтанд?

Чи қадар мардуми зиёд аз баъд аз тафриқаву ҷудоӣ иттиҳод бастанд ва муттаҳид шуданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби ҳалимии паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби бахшишу раҳмдилии паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби таъсири шахсияти паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби адлу мардонагии паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби зоҳидиву ғамхории паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар мардуми зиёд бо сабаби қуввату шуҷоати паёмбар (с) ислом оварданд?

Чи қадар ин ахлоқу одоб дар муҷтамаъи исломӣ ва уммати ҷовид асарҳои зиёде гузоштааст?

Ҳамоно ки Муҳаммад (с) саҳобаҳояшро бо беҳтарин ахлоқ ва одоби некӯ ва сифатҳои олӣ тарбият карда буд, онҳоро доимо шавқманд месохт, ки бо мардум муомилаи нек кунанд ва бо мардум хоксорона рафтор кунанд ва бо онҳо мушфиқу меҳрубон бошанд ва кӯшиш кунанд, ки ҳоҷатҳои онҳоро бароварда созанд ва ба асҳобаш хабар дода буд, ки ин гуна корҳо инсонро дар назди Худованд

баландмартаба мегардонанд ва дараҷаи амалҳои некро баланд мебардоранд.

Он ҳолати ногуворе, ки мардуми мусулмон имрӯз аз сар гузаронида истодаанд, камбудии мусалмонон дар ахлоқашон мебошад, инро бояд мусалмонон бидонанд, ки комёб намешаванд, то замоне, ки ҳаёти исломиро мутобиқи равиши паёмбари бо зинда кардани муомила миёни ҳамдигар аз тариқи беҳтарин ахлоқ пиёда накунанд.

Чуноне ки маълум аст, он ахлоқи накӯеро, ки паёмбар (с) ба умматонаш таълим дода буд, аз миёни мусулмонон бедарак шудааст, магар як андаке ки Худо раҳм кунад, ки он ҳам аз даст наравад вагарна дар ҳоли ҳозир дар куҷо мебинед, ки дар рафтору равиши мусулмонон бо он ахлоқу одоби паёмбар (с) пойдор бошад?

Куҷост он одоби паёмбарӣ дар ибодатҳо ва муомилаҳо?

Куҷо шуданд он фазилатҳо ва тарбиятҳои муҳаммадӣ дар дунёи мусулмонони имруза?

Куҷо ҳастанд он даъвоҳои муҳаббатомези беканоре, ки бисёриҳо мекарданд?

Мардум дар гузашта бо сабаби ахлоқи тоҷирони мусулмон дар дини ислом гуруҳ - гуруҳ медаромаданд, аммо дар ин замон ҳама баръакс шудааст, баъзе мардум ба сабаби ахлоқи бади мусулмонон дигаронро аз дохил шудан дар дини Худо манъ мекунанд!!

Бале аксари мусулмонон ин ҷониби муҳими диниро бекор карда ё аз даст додаанд ва ин як мушкилоти бузургест ва худашонро машғули дигар корҳое сохтаанд, ки қобили эътибор нестанд, ба ҳамин хотир миёни мусулмонон ҳукм кардан ҳамдигарро бо фосиқиву бидъатӣ ва гумроҳиву зиндиқӣ пайдо шуд ва сабаби ҳамаи ин дар он аст, ки дилҳо мурдаанд ва нафсҳо хароб шуданд ва ахлоқи муҳаммадӣ аз ин ҳама хеле дур аст ва даъвати паёмбар (с) аз ин ҳама бадбиниву кинаварзӣ хеле болост.

Барои чи ҳар яки мо хатоҳои ҳамдигарро меҷуем ва барои чи аз ҳамдигар узреро қабул надорем, дар ҳоле ки хатоҳои худро намебинем ва

ҳаргоҳ, ки дар худ хатоеро ҳис кунем, барои худ садҳо узр пайдо мекунем?

Барои чи бо ҳамдигар даст бар гиребонем ва бо ҳамдигар кинаварзӣ мекунем, дар ҳоле ки динамон як аст ва Худоямон як аст ва паёмбарамон як аст ва Қуръонамон як аст ва қибламон як аст.

Оё мусулмонон аз ҳама зиёд ба ин эҳтиёҷ надоранд, ки зери дини Худованд ҷамъ шаванд, лекин бисёриҳо мутаасифона ҳамеша аз ҷиҳати фирқаҳо ва ихтилофҳо ба сӯи ҳамдигар назар мекунанд.

Худованд мефармояд:

﴿لَّقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرۡجُواْ ٱللَّهَ وَٱلۡيَوۡمَ ٱلۡأٓخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرٗا ٢١﴾ [الأحزاب: ٢١]

**«Барои шумо агар ба Худо ва рӯзи қиёмат умед доред ва Худоро фаровон ёд мекунед, дар симои расулуллоҳ муқтадои (пешвои) писандидаест, мебинед».**

(Сураи Аҳзоб, ояти 27)

Боз мефармояд:

﴿لَقَدۡ جَآءَكُمۡ رَسُولٞ مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ عَزِيزٌ عَلَيۡهِ مَا عَنِتُّمۡ حَرِيصٌ عَلَيۡكُم بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١٢٨﴾ [التوبة: ١٢٨]

**«Албатта паёмбаре аз худи шумо бар шумо фиристода шуд, ҳар он чӣ шуморо ранҷ медиҳад, бар ӯ гарон меояд. Сахт ба шумо дилбаста аст ва бо мӯъминон мушфиқу меҳрубон аст».**

(Сураи Тавба, ояти 128)

Боз мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا رَحۡمَةٗ لِّلۡعَٰلَمِينَ ١٠٧﴾ [الأنبياء: ١٠٧]

**«Ва фиристодем туро, фақат барои он ки мехостем ба мардуми ҷаҳон раҳмате ато кунем».**

(Сураи Анбиё, ояти 107)

Боз мефармояд:

﴿وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٖ ٤﴾ [القلم: ٤]

**«Ва ҳамоно ки ту дорои ахлоқи азиме ҳастӣ»**

(Сураи Қалам, ояти 4)

Боз мефармояд:

﴿فَبِمَا رَحۡمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ لِنتَ لَهُمۡۖ وَلَوۡ كُنتَ فَظًّا غَلِيظَ ٱلۡقَلۡبِ لَٱنفَضُّواْ مِنۡ حَوۡلِكَۖ فَٱعۡفُ عَنۡهُمۡ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ وَشَاوِرۡهُمۡ فِي ٱلۡأَمۡرِۖ فَإِذَا عَزَمۡتَ فَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَوَكِّلِينَ ١٥٩﴾ [آل عمران: ١٥٩]

**«Ба сабаби раҳмати Худост, ки ту бо онҳо инчунин хушрафтору меҳрубон ҳастӣ. Агар тундрафтору сахтдил мебудӣ, аз гирди ту пароканда мешуданд. Пас бар онҳо бубахшой ва бар онҳо омурзиш бихоҳ ва дар корҳо бо онҳо машварат кун ва чун қасди коре кунӣ, бар Худой таваккул кун, ки Худо таваккулкунандагонро дӯст дорад».**

(Сураи Оли Умрон, ояти 4)

Байте дар шаъни ахлоқи муҳаммадӣ:

Амсол ба рафтору ба кирдору ба ахлоқи набӣ,

Аз рӯзи азал наясту не мебошад.

**Намунае аз ахлоқу одоби паёмбар (с)**

Ахлоқу одобу рафтору кирдори паёмбар (с) бар дастури Қуръон буд. Ҳатто мегуфтанд: паёмбар (с) Қуръони зиндае буд, ки болои замин роҳ мерафт.

Ҳангоме ки аз Оиша (р) дар бораи ахлоқи паёмбар (с) пурсиданд, ба суолкунанда гуфт:

- **Оё ту Қуръонро мехонӣ?**

**Гуфт: бале, мехонам.**

**Оиша (р) гуфт:**

- **Ахлоқи паёмбар (с)** (фармудаи) **Қуръон буд.**

Ибни Касир мегуяд:

**Маънои сухани Оиша (р) он аст, ки ҳарчи ки Қуръон амр мекард, иҷро мекард ва аз ҳарчи ки Қуръон манъ мекард, аз кардани он бозмеистод, яъне тамоми амалҳояш дар зиндагӣ тибқи гуфтаҳои Қуръон буд. Яъне, ин буд сабаби дорои паёмбар (с) он ахлоқи бузургро, мисли ҳаёву икром ва шуҷоъату**

**ҳилму бурдборӣ ва ҳамаи он ахлоқи накӯе, ки дошт.**

Ҳатто пеш аз ин ки ба паёмбарӣ мабъус шавад, дар миёни қавмаш ӯро ҳамчун "Амин" мешинохтанд, ба хотири амонатдор ва хиёнат накарданаш дар коре аз корҳо.

Бо ҳамроҳонаш чунон муомилаи нек мекард, ки ҳар як кадоми аз онҳо фикр мекарданд, ки ӯ дар назди паёмбар (с) аз мукарамтарини мардум аст.

Доимо хушхабар буд, рафтори мулоим ва ахлоқи нарме дошт, касеро айб намегирифт ва бо касе бахилӣ намекард ва дилсангу сахтгир ҳам набуд, бисёр дилкушод ва ростқавлу ростраффтор буд.

**Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки гуфт:**

**«Паёмбар (с) аз некӯахлоқтарини мардум буд»**

(Ривояти Бухорӣву Муслим)

Ва аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки гуфт: **«Паёмбар (с) на носазо мегуфт ва на**

**носазопазир буд ва инчунин мегуфт: беҳтарини шумо, хушахлоқтарини шумост»**

(Ривояти Муслим)

***

## Ахлоқи паёмбар (с) дар хонааш

Шахсияти паёмбар (с) ҳамчун шавҳар, аз беҳтарини мардон дар муомилааш бо ҳамсаронаш буд, ҳамеша башоратдиҳанда буд, аз хушбахттарини мардҳо дар ҳаёти оиладорияш буд, бо занҳояш шӯхӣ мекарду бо онҳо механдид ва баъзе вақти шаб, пеш аз он ки хоб кунад, бо онҳо шабзиндадорӣ мекард.

Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) ба ӯ гуфт:

**«Ман медонам ки ту кадом вақт аз ман розӣ ҳастӣ ва кадом вақт ғазабнок. Ҳазрати Оиша гуфт: инро аз куҷо медонӣ? Паёмбар (с) гуфт: ҳангоме ки аз ман розӣ бошӣ, мегуӣ: На, қасам ба парвардигори Муҳаммад ва агар аз ман ғазабнок бошӣ мегуӣ: На, қасам ба парвардигори Иброҳим. Ҳазрати Оиша гуфт: бале эй расули Худо (с), дур намешавам магар аз номи ту».**

Аз Асвад ривоят шудааст, ки гуфт: Аз Оиша (р) пурсидам, ки паёмбар (с) дар хонааш чӣ кор мекард? Оиша (р) гуфт:

**«Ӯ дар хизмати Хонаводааш буд ва ҳаргоҳ ки вақти намоз мерасид, бармехосту намозашро мехонд».**

(Ривояти Бухорӣ)

Аз Урва (р) ривоят шудааст, ки гуфт: **«Аз Оиша (р) пурсидам, ки агар паёмбар (с) танҳо мемонд чи кор мекард?**

**Оиша (р) гуфт: «Либосашро медӯхт ва попӯшиҳояшро ранг мекард** (яхсафу) **ва анҷом медод он корҳоеро, ки ҳар марде дар хонааш анҷом медиҳад».**

(Ривояти Имом Аҳмад)

***

## Ахлоқи паёмбар (с) бо хидматгузоронаш

Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с)-ро даҳ сол хидмат кардам, ба Худо қасам, ки боре ба ман нагуфт, ки уф ва боре ба ман нагуфт, ки барои чи ин корро кардӣ ва агар ин корро мекардӣ?»**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва дар дигар лафзи ҳадис омадааст:

**"Боре бар ман чизеро айб нагирифт"**

(Ривояти Муслим)

Ва паёмбар (с) ба хидматгор мегуфт: **Оё ҳоҷате дорӣ?**

(Ривояти имом Аҳмад)

***

## Рафтори паёмбар (с) бо кӯдакон

Бо кӯдакон бисёр латифу меҳрубон буд, бо онҳо бозиву шӯхӣ мекард.

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**"Паёмбар (с) аз хушахлоқтарини мардум буд ва ман бародари хурди аз шир ҷудо шудае доштам, ки номаш Абу Умайр буд ва ҳаргоҳ ки паёмбар (с) меомаду ӯро медид, мегуфт: Эй Абу Умайр чи шуд ба Нуғайр? (Нуғайр парандаи хурде буд мисли гунчишк), бо ӯ бозӣ мекард.**

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**Паёмбар (с) аз хушахлоқтарини мардум буд, рӯзе паёмбар (с) маро барои анҷом додани коре фиристод ва ман гуфтам: Ба Худо, ки намеравам ва ниятам ин буд, анҷом медиҳам ҳаркоре ки бароям паёмбари Худо (с) амр кунад ва хориҷ шудам аз хона то ин ки ба назди бачаҳое расидам, ки дар бозор бозӣ мекарданд.**

**Дар ин ҳангом паёмбар (с) аз пуштам маро гирифт ва чун назар кардам дидам, ки паёмбар**

**(с) механдид, ва гуфт: эй Унайс (Анаси хурдакак) оё рафтӣ ба ҷое, ки туро амр карда будам? Гуфтам: бале, ман раванда ҳастам барои анҷом додани амри шумо эй паёмбари Худо (с).**

(Ривояти Муслим)

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) ба зиёрати ансориҳо мерафт ва бо кӯдаконашон салом медод ва сарҳояшонро сила мекард»**

(Ривояти Насоӣ)

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Касеро бораҳмтар ба кӯдакон аз паёмбар (с) надидам вақто ки фарзанди паёмбар (с), Иброҳим дар атрофҳои дурдасти Мадина рӯзҳои ширхорагияшро дар тарбияти дояаш мегузаронд, паёмбар (с) ба хонаи он зан мерафт ва мо ҳамроҳаш будем, фарзандаш Иброҳимро мебӯсиду бармегашт».**

(Ривояти Муслим)

Бубинед ин раҳму шафқатро ба хотири фақат бӯсидан он қадар роҳи дарозоро тай мекарду бармегашт.

Чун Ақраъ ибни Ҳобис дид, ки паёмбар (с) Ҳасан (р)-ро мебӯсад, гуфт:

**"Ман даҳ фарзанд дорам ва касе аз онҳоро боре ҳам набӯсидам, Паёмбар (с) гуфт: «Ҳар кӣ раҳм накунад, раҳм карда намешавад»**

Ҳангоме ки бодиянишинҳо ба назди паёмбар (с) омаданд, гуфтанд:

**-Оё шумо фарзандонатонро мебӯсед?**

**Гуфтанд:**

**-Бале.**

**Бодиянишинҳо гуфтанд:**

**-Савганд ба Худо, ки мо ҳеҷ гоҳ фарзандонамонро намебусем.**

Паёмбар (с) гуфт:

**-Дар сурате, ки Худованд аз дилҳои шумо раҳматро гирифта бошад, ман чӣ кор карда метавонам!?"**

(Ривояти Муслим)

***

## Рафтори паёмбар (с) бо мардум

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с)-ро даҳсол ҳамсӯҳбатӣ кардам, атрҳоро бо тамоми анвоъашон бӯй кашидам, бӯйе беҳтар аз бӯйи паёмбар (с) ба машомам нарасида буд, ҳар гоҳ ки бо касе аз саҳобаҳояш вомехӯрд, дар охир ҳамроҳи ӯ аз ҷояш мехест, аз он мард дур намешуд, то ин ки он мард аз ӯ дур нашавад ва агар касе аз саҳобаҳояш бо ӯ вомехӯрд ва дасташро мегирифт, то замоне ки он мард дасташро намекашид, паёмбар (с) дасташро боз намекард ва ҳар гоҳ ки касе аз саҳобаҳояш бо ӯ сухан мегуфт, паёмбар (с) ба ӯ гӯш медод ва то замоне ки он мард суханро тамом намекард, паёмбар (с) гӯшашро аз ӯ дур намекард»**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

***

## Баровардани паёмбар (с)

## ҳоҷатмандии занҳоро

Аз Анас (р) ривоят аст, ки **зане, буд дар ақлаш каме камбудӣ дошт, ба паёмбар (с) гуфт: Эй Расули Худо ман ба ту эҳтиёҷе дорам. Паёмбар (с) гуфт: эй модари фалонӣ! Ҳаракат кун ба кадом роҳе, ки мехоҳӣ маро бубар, бархез аз ҷоят, то ки ман бо ту бархезам. Сипас паёмбар (с) аз миёни мардум дуртар рафта каме бо ӯ суҳбат кард, то ки ҳоҷати он занро бароварда сохт».**

(Ривояти Бухорӣ ва Абудовуд ва Аҳмад)

***

## Бароварда сохтани паёмбар (с) ҳоҷатҳои занҳои канизро

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Агар канизе аз аҳли Мадина аз дасти паёмбар (с) мегирифт, паёмбар (с) дасташро аз ӯ раҳо намекард, то ки каниз ба ҳар куҷое ки паёмбар (с)-ро мехост, мебурд ва ҳоҷаташро бароварда месохт».**

(Ривояти ибни Моҷа)

***

## Хайрхоҳӣ ва саховатмандии паёмбар (с)

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: **«Чизе набуд, ки аз паёмбар (с) пурсида бошанду не гуфта бошад»**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Аз паёмбар (с) ба хоитири ислом чизе намепурсиданд, магар ин ки онро ба ҷо меовард».**

Анас (р) мегуяд:

**Марде ба назди паёмбар (с) омад. Паёмбар (с) барои ӯ гӯсфандони миёни ду кӯҳро дод, ин мард ба назди қавмаш баргашту ба онҳо гуфт: эй мардум ислом биёред Муҳаммад он қадар зиёд медиҳад, ки аз камбағалӣ (фақирӣ) наметарсад....**

Ва Сафвон ибни Умайя мегуяд:

**«Паёмбар (с) бароям он қадар ато кард, ки ҳисоб надошт ва ӯ пеш аз он баддидатарини**

**мардум дар наздам буд ва ба ман ато кард ва ато кард, то ин ки ҷояшро тарк нокарда дар наздам аз дустдоштатарини мардум гашт».**

(Ривояти Муслим)

Аз ибни Абос (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) аз саховатмандтарини мардум буд ва аз онҳам саховатмандтар ҳангоме буд, ки, дар моҳи рамазон Ҷибраил (а) ба наздаш меомад ва Ҷабраил дар моҳи Рамазон ҳар шаб назди паёмбари Худо омада, Қуръонро бо ӯ такрор мекард ва паёмбар (с) дар корҳои хайр аз вазиши бод ҳам саховатмандтар буд».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят шудааст, ки гуфт: **«Ҳангоме ки паёмбар (с) бо ҳамроҳии ададе аз мардум аз Ҳунайн бармегашт, аъробиҳо (бодиянишинҳои Араб) дар атрофаш ҷамъ шуда, ба ӯ ҳуҷум оварда, аз ӯ талаб карданд (ки аз моли ғанимат) ба онҳо бидиҳад, ва ин ҳуҷуми онҳо чунон шадиде буд, ки**

**паёмбари Худоро маҷбуран ба зери дарахте бурданд ва ридои ӯ ба шохи дарахт банд шуд.**

**Паёмбар (с) дар онҷо истод ва гуфт: Ридои маро бидиҳед, ба Худо савганд, ки агар ман ба адади хорҳои ин дарахтон уштурҳо медоштам, онҳоро бароятон тақсим мекардаму шумо дар ман на бахиливу дурӯғгӯӣ ва на тарсончакӣ эҳсос мекардед».**

(Ривояти Бухорӣ)

***

## Дилкушодии паёмбар (с)

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Агар паёмбар (с) миёни ду коре ихтиёр мекард, аз ҳама осонашро ихтиёр менамуд, агар он кори осон гуноҳ намешуд ва агар гуноҳ мешуд, пас ӯ дуртарин шахс аз он гуноҳ буд.**

**Дар тӯли ҳаёташ паёмбар (с) аз касе интиқом нагирифта буд, магар ин ки агар ҳар ки дар ҳаромҳои Худованд таҷовуз мекард, дар ин сурат ба хотири Худованд интиқом мегирифт».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) дар тӯли ҳаёташ на занеро зада буд, ва на хидматгореро, ҳатто чизеро бо дасташ назада буд, магар дар роҳи Худо ҷиҳод карда буд ва на аз касе, ки ба ӯ зараре расонда буд, интиқом нагирифта буд, магар ҳар кӣ ҳаромҳои Худовандро таҷовуз мекард, аз ӯ ба хотири Худованд интиқом мегирифт».**

(Ривояти Муслим)

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Бодиянишине ридои паёмбар (с)-ро аз гарданаш чунон бо шиддате кашида гирифт, ки чун ба гардани паёмбар (с) назар кардам, дидам, ки асари он дар гарданаш боқӣ монда буд, сипас он бодиянишин гуфт: эй Муҳаммад, бидеҳ бароям аз он моли Худованде, ки дар назди тӯст, Паёмбар (с) ба сӯяш назар карду хандид ва амр кард, ки ба ӯ чизе бидиҳанд».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Рӯзе мо назди паёмбар (с) нишаста будем ва ӯ чизеро тақсим мекард, марде аз қабилаи Тамим ба наздаш омад ва гуфт: эй паёмбари Худо (с) адолат кун. Паёмбар (с) гуфт: вой бар ту, агар ман адолат накунам, пас кӣ адолат мекунад? Агар ман адолат накунам, пас гумному зиёнкорам. Дар ин ҳангом Умар (р) гуфт: эй паёмбари Худо (с) бароям иҷозат деҳ гардани ӯро бизанам, Паёмбар (с) гуфт: ӯро бигузор».** (Ривояти Бухорӣ)

Аз ибни Масъуд (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Ҳангоме ки паёмбар (с) чизеро тақсим мекард, марде гуфт: ин гуна тақсимот ба хотири Худо нест. Баъд аз он ки ман ин суханро шунидам, омада ба гӯши паёмбар (с) он чиро, ки шунидам, хабар додам, Паёмбар (с) баъди шунидани ин сухан бениҳоят ғазабнок шуд, то дараҷае ки аз шидати ғазаб рӯяш сурх гашт ва ман таманно кардам, ки кошкӣ ин суханро ба ӯ намегуфтам. Сипас паёмбар (с) гуфт: Агар Худо ва паёмбараш адолат накунанд, пас кӣ адолат хоҳад кард. Худованд Мӯсоро раҳмат кунад, ки ӯро (умматонаш) аз ин зиёдтар озор дода буданд, вале сабр мекард».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

***

## Хушгуфтории паёмбар (с) дар

## сарзаниш карданаш

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**"Паёмбар (с) на дашномдиҳанда буду на бадгуянда. Дар сарзаниши яке аз мо мегуфт: чӣ шудааст бар ӯ? дастонаш хоколуд шавад".** (Маънои "Дастонаш хоколуд шавад", таъбирест дар забони арабӣ ва мақсад аз он дуъои бад бар дигаре нест.)

(Китоби Ниҳоят 1,184)

***

## Хушгуфтории паёмбар (с) бо дидани чизе, ки дӯст медошт ва ё чизеро бад медид

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Агар паёмбар (с) чизе дӯстдоштаашро медид, мегуфт: Ҳамду ситоиш Худоеро, ки бо неъматҳояш некиҳо комил мегардад ва агар чизе бадидаашро медид, мегуфт: Ҳамду ситоиш Худовандро дар ҳама ҳолатҳо».**

(Ривояти Байҳақӣ)

***

## Боҳаёии паёмбар (с)

Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) аз духтари бокирае, ки дар зери чодар аст, боҳаётар буд ва ҳаргоҳ чизеро бад медид, аз чеҳрааш бароямон маълум мешуд».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

***

## Табассуми паёмбар (с)

Аз Самок ибни Ҳарб ривоят шудааст, ки гуфт:

**Аз Ҷобир ибни Самра пурсидам, ки оё бо паёмбар (с) ҳамнишинӣ мекардӣ? Гуфт: Бале, бисёр вақтҳое мешуд, ки аз намозгоҳе, ки дар онҷо намози субҳро мехонданд, боло намешуданд, то ки офтоб мебаромад ва чун офтоб мебаромад, аз намозгоҳ боло мешуданд ва бо ҳамдигар аз корҳои замони ҷоҳилият суҳбатҳо мекардаанду механдиданд ва паёмбар (с) табассум мекард."**

(Ривояти Муслим)

***

**Шӯхиҳои паёмбар (с)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Ба паёмбар (с) гуфтем: Шумо бо мо шӯхӣ мекунед, паёмбар (с) гуфт: ман ба ҷуз ҳақ чизе намегуям».**

(Ривояти Тирмизӣ)

Аз Зайд ибни Аслам (р) ривоят шудааст, ки зане буд, номаш Умми Айман. Назди паёмбар (с) омаду гуфт: шавҳари ман шуморо даъват мекунад. Паёмбар (с) гуфт: **Шавҳари ту кист? Ҳамоне ки дар чашмонаш сафедӣ дорад? Он зан гуфт: Савганд ба Худо, ки дар чашмони шавҳари ман сафед нест, Паёмбар (с) гуфт: Бале дар чашмонаш сафедӣ ҳаст. Он зан гуфт: На, савганд ба Худо. Паёмбар (с) гуфт: Касе нест, ки дар чашмонаш сафедӣ набошад.**

Аз Ҳасан (р) ривоят шудааст, ки пиразани солхӯрдае ба назди паёмбар (с) омаду аз паёмбар (с) талаб кард, ки барояш дуъо кунад, то ки дохили ҷаннат шавад, Паёмбар (с) гуфт: **пиронсол дохили ҷаннат намешавад, он зан ба гиря омад.**

**Паёмбар (с) гуфт: ту дар он рӯз пиронсол нахоҳӣ буд.**

**Худованд мефармояд:**

﴿إِنَّآ أَنشَأۡنَٰهُنَّ إِنشَآءٗ ۝٣٥ فَجَعَلۡنَٰهُنَّ أَبۡكَارًا ۝٣٦ عُرُبًا أَتۡرَابٗا ۝٣٧﴾ [الواقعة: ٣٥ – ٣٧]

**«Мо он занонро биёфаридем ва чи офариданӣ зебое ва онҳоро бокира гардонидем. Маъшуқи ҳамсарони худанд»**

(Сураи Алвоқеъа, оятҳои 35 –37)

***

## Бахшишҳо ва

## даргузаштҳои паёмбар (с)

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Дар ҷанге пеш аз ғазваи Наҷд бо ҳамроҳии паёмбар (с) иштирок карда будем. Паёмбар (с) дар водие пур аз дарахтҳои хордор бо мо пайваст ва дар зери дарахте нишасту шамшерашро дар шохи дарахте овезон кард, мардум бошанд, дар ҳаркуҷои он води дар зери дарахтони соядор истироҳат мекарданд, сипас паёмбар (с) гуфт: Марде ба наздам омад ва ман хоб будам, шамшерамро гирифту ман бедор шудам ва ӯ дар болои сарам истода буд, ман ба ҷуз шамшери берун аз ғилоф дар дасти ӯ чизи дигареро ҳис накардам, он мард ба ман гуфт: кӣ туро аз ман наҷот медиҳад? Гуфтам, Худованд.**

**Сипас он мард шамшерро дар ғилофаш андохт.**

**Паёмбар (с) гуфт: он мард ҳамонест, ки дар он ҷо нишастааст, пас паёмбар (с) ӯро чизе нагуфт».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**"Ба паёмбар (с) гуфтам: Оё ба сари шумо аз рӯзи ҷанги Уҳуд ҳам рӯзе вазнинтар омадааст? Гуфт: аз ин қавми ту сахтиҳои зиёдеро дидам ва аз ҳама сахтарин чизе ки аз онҳо ба сарам омад, рӯзи Ъақаба буд, худамро ба ибни Абдуллайл барои (пуштибонӣ) пешкаш кардам, вале он чи ман аз ӯ хостам, хостаи манро рад кард, сипас ман бо рӯ ғамноку парешон берун шудам ва ба худ наомадам, магар ки ба назди Қарни Саъолиб (номи кӯҳ) расидам, сарамро боло кардам дидам; ки абрҳое болои сарам манро соя мекунанд. Чун нигоҳ кардам, дидам, ки Ҷибрил (а) маро нидо карду гуфт: Худованд он чи ки қавмат ба ту гуфтанду рад карданд, шунид ва акнун малоикаи кӯҳҳоро ба наздат фиристод. Сипас малоикаи кӯҳҳо ба ман салом доду гуфт: эй Муҳаммад Худованд ончи ки қавмат ба ту**

**гуфтанд, шунид ва ман малоикаи кӯҳҳо ҳастам, Худованд маро ба наздат фиристод, то ки маро ҳарчи ки амр кунӣ, иҷро кунам. Агар бихоҳӣ, ман Ахшабайнро** (ду кӯҳи баландтарин дар Макка) **бар болои онҳо рӯгардон мекунам. Паёмбар (с) гуфт: На, балки ман аз Худованд умед дорам, ки аз наслҳои инҳо шояд касоне ба дунё биёянд, ки Худовандро якка ва ягона ибодат кунанду ба ӯ шарике қарор надиҳанд."**

Бубинед, ин раҳматест бар кофироне, ки ӯро душмани карданду ранҷониданд ва хостанд, ки ӯро бикушанд ва ӯро аз ватанаш берун карданд.

Ва аз бузургтарин намунаҳои раҳмати паёмбар (с) рӯзе буд, ки ҳамчун ғолиб ва зафарёфта дохили Макка шуд ва душманонаш ки ӯро дурӯғгӯ гуфтанду бо ӯ ҷангиданд, имрӯз дар қабзаи ӯ буданд, дар ин ҷо таърих бозистод, то бубинад Муҳаммад бо касоне, ки зиёда аз бист сол бо ӯ ҷангиданд, чӣ кор мекарда бошад ва дар ин рӯз мусулмонон фикр мекарданд, ки акнун вақти интиқом расидааст ва баъзеҳо мегуфтанд, ки "**имрӯз рӯзи интиқому куштор аст**", аммо

паёмбари меҳрубон (с) бошад, гуфт: на балки **"имрӯз рӯзи бахшишу раҳмат аст"**

Сипас паёмбар (с) ба мағлубу нокомшудагон рӯй оварду гуфт: **«шумо чи фикр мекунед? Ман бо шумо чӣ хоҳам кард?»** Онҳо гуфтанд: аз ту хайру хубӣ интизорем, бародари карими мо ва фарзанди бародари карими мо ҳастӣ. Паёмбар (с) гуфт: **«Биравед, шумо озод ҳастед».**

Туфайл ибни Амри Давсӣ ба назди паёмбар (с) омаду гуфт: Эй Расули Худо (с)! Дар ҳаққи қабилаи Давс дуои бад кун, онҳо исён карданд ва исломро напазируфтанд. Паёмбар (с) рӯяшро ба сӯи қибла карду дастонашро ба боло карду омодаи дуо кардан шуд. Мардум гуфтанд: қабилаи Давс ҳалок шуд..... қабилаи Давс ҳалок шуд. Паёмбар (с) гуфт: **Бор, Худоё Давсро ҳидоят кун ва онҳоро ба наздам биёр, Бор, Худоё, Давсро ҳидоят кун ва онҳоро ба наздам биёр.**

***

## Қувват ва шуҷоати паёмбар (с)

Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) аз хубтарин ва беҳтарин ва шуҷоътарини мардум буд. Шабе мардуми Мадина аз шунидани садои баланде дар ташвиш шуда ба сӯи он садо шитофтанд ва дар роҳ бо паёмбар (с) дар ҳолати баргаштанаш аз тарафи садо вохӯрданд, чунки паёмбар (с) аз ҳама пеш ба сӯи садо шитофта буд, (ва дар ҳолати бозгашт буд) ва савори аспи Абуталҳаи Ъурӣ буд. Дар ҳоле ки дар гарданаш шамшере овезон буд, мегуфт: наҳаросед, натарсед, ман ӯро дидам аспе буд».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Ҷобир (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Ҳангоме ки рӯзи Хандақ заминро мекандем, санге пайдо шуд, ки бисёр сахт буд, Паёмбар (с)-ро садо карда гуфтанд, ки ин санг пеши роҳи кори моро гирфтааст; Паёмбар (с) гуфт: ман омадам, дар он рӯзҳо муддати се рӯз шуда буд, ки таъомеро начашида будем, бо ҳамин сабаб**

**низ аз гуруснагӣ паёмбар (с) дар шикамаш санг баста буд, то шиддати гуруснагиро ҳис накунад. Паёмбар (с) бо шиками санг баста бо зоғнул сангро чунон зад, ки аз реза-реза шудан мисли хок гашт».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Барроъ (р) мегуяд:

**«Савганд ба Худо, ки ҳаргоҳ ки ҷанг шиддат мегирифт, зери ҳимояти паёмбар (с) худро қарор медодем ва ҳатто шуҷоътарини мо дар ҳимояти ӯ қарор мегирифт».**

(Ривояти Муслим)

Марде аз Барроъ пурсид:

**Оё шумо рӯзи Ҳунайн фирор кардед? Барроъ гуфт: «Локин паёмбар (с) фирор накард».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

***

## Хоксории паёмбар (с)

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) агар болои чаҳорпое мебуд, дар пушташ ҷой медод ва мешуд ки таъомашро дар болои замин гузошта мехӯрд ва даъвати подшоҳонро мепазируфт ва савори хар низ мешуд».**

(Ривояти Ҳоким)

Аз Абу Аюб ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) савори хар мешуд ва пойафзолашро равған мемолид ва куртаашро боло мекард ва либоси аз пашми хашин бофтаро низ мепӯшид ва мегуфт: ҳар ки аз суннати ман рӯй гардонад, аз ман нест».**

(Ривояти Тирмизӣ)

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с)-ро ба хӯрдани нони ҷавин ва равғани бесифат (дурушт) даъват мекарданд».** (Ривояти Тирмизӣ)

Аз ибни Абос (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) бар болои замин менишаст ва дар болои замин хӯрок мехурд ва гӯсфандбонӣ мекард ва даъвати подшоҳонро мепазируфт, нони ҷавин ҳам мехӯрд».**

(Ривояти Табаронӣ)

***

## Хушмуомилагии паёмбар (с)

Аз Муовия ибни Ҳаками Суламӣ ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Ҳангоме ки ман бо паёмбар (с) намоз мехондам, марде аз миёни мардум атса зад, ман гуфтам "Ярҳамукаллоҳ" (Худованд туро раҳм кунад), ҳама бо якоякӣ ба сӯям назан карданд. Ба худам гуфтам: вой модарам дар мотамам нишинад, чи шудааст бар шумо, ки ба сӯи ман назар мекунед, онҳо бо дастонашон шурӯъ кардан ба задан бар ронҳояшон. Чун нигоҳ кардам, онҳо маро ишора кардан, ки хомуш бош. Ман хомӯш истодам, вақте паёмбар (с) намозашро тамом кард, падару модарам фидояш бод, ман мисли ӯ ҳамчун муаллиме на дар гузашта ва на баъд аз ӯ бо он намуд таълими зебо надидам, савганд ба Худо, ки манро на носазо гуфт ва на латукӯб кард ва на дашномам дод, балки гуфт: ин намоз аст ва дар он тасбиҳ (Субҳоналлоҳ) асту такбиру (Аллоҳу акбар) хондани Қуръон (аз сураҳои Қурон"....)»**

(Ривояти Муслим)

## Меҳрубонӣ ва шафқати паёмбар (с) бар умматаш

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Паёмбар (с) гуфт: ҳар гоҳ ки ман дохили намоз мешавам, мехоҳам намозаро дароз бихонам, лекин чун гиряи кӯдакон ба гӯшам мерасад, намозро сабуктар мехонам, то ташвиши модарро бартараф кунам».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Марде назди паёмбар (с) омаду гуфт: Эй расули Худо! Ман ҳалок шудам. Паёмбар (с) гуфт: вой бар ту, чи мегӯӣ? Он мард гуфт: бо занам дар Рамазон ҳамхоба шудам. Паёмбар (с) гуфт: ғуломеро озод кун, он мард гуфт: тавони онро надорам, Паёмбар (с) гуфт: ду моҳи пайдар пай рӯза бигир. Он мард гуфт: тавони инро низ надорам. Паёмбар (с) гуфт: шаст мискинро таъом бидеҳ. Он мард гуфт: тавони инро низ надорам. Дар ин ҳангом ба назди**

**паёмбар (с) касе ширaи хурмо овард, Паёмбар (с) ба он мард гуфт: инро бигир ва садақа кун, он мард гуфт: оё ба хонаводаи худам ё ба дигар кас? Савганд ба он Зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, аз авал то охири Мадина мисли ман эҳтиёҷманде вуҷуд надорад. Паёмбар (с) чунон хандид, ки дандонҳои муборакаш намоён шуданд, сипас гуфт: инро бигир ва бо хонаводаат бихур».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Бубинед азизон! ин мард муртакиби гуноҳи бузурге шудааст ва бояд бо яке аз он се ҷазо муҷозот мешуд, вале дар охир аз назди паёмбар (с) бо ҳадяи гаронбаҳо ба хонааш баргашт, ки онро бо хонаводааш якҷоя мехӯранд. Ин чи дилест дар синаи паёмбар (с) бо ин қадар меҳрубонӣ, ин кадом дараҷаи раҳматест, ки гунаҳкорро бо ҳадяе аз наздаш шоду хандон ба сӯи хонааш бармегардонад.

Албатта ки ин ҳамон Муҳаммад (с) аст, ки Худованд дар ҳақаш мегуяд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا رَحۡمَةٗ لِّلۡعَٰلَمِينَ ١٠٧﴾ [الأنبياء: ١٠٧]

**«Ва фиристодем туро фақат барои он, ки мехостем ба мардуми ҷаҳон раҳмате ато кунем».**

(Сураи Анбё, ояти 107)

Боз мефармояд:

﴿وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ٤﴾ [القلم: ٤]

**«Ва ҳамоно ки ту дорои ахлоқи азиме ҳастӣ»**

(Сураи Қалам, ояти 4)

Аз Анас ибни Молик ривоят аст, ки гуфт:

**«Ҳангоме ки мо бо паёмбар (с) дар масҷид нишаста будем, бодиянишине омаду дар кунҷи масҷид пешоб кард, саҳобаҳо ҳама бо як овоз гуфтанд: маҳ маҳ (ҳе ҳе ҳе) паёмбар (с) гуфт: ӯро бигузоред, сипас ӯро ба ҳоли худ гузоштанд, то ин ки ҳоҷаташро тамом кард, сипас ӯро паёмбар (с) ба наздаш хонду гуфт: инҷо масҷид аст ва дар инҷо мисли ин корҳо на пешобу на дигар намуд палидиҳо ҷоиз нест, балки инҷо махсус барои зикри Худованду намозгузори ва**

**хондани Қуръон аст, сипас мардеро аз саҳобаҳояш амр кард, ки дар обдоне об биёраду болои палидӣ бипошад».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) дар назди гурба (пишак) косаи обро мегузошт ва гурба аз он об мехӯрд, сипас Паёмбар (с) бо боқимондаи он об таҳорат мекард».**

(Ривояти Абу Довуд)

Аз Ҷобир (р) ривоят шудааст, ки **паёмбар (с) дар роҳ аз ҳама охир мерафт, то ки заъифу аз пой мондаро кӯмак кунад ва дар чаҳорпояш аз пушт касеро савор кунад ва барояшон дуъо кунад.**

(Ривояти Абу Довуд)

***

## Меҳрубонӣ ва шафқати паёмбар (с)

## ба ҳайвонҳо

Раҳму шафқати Паёмбар (с) на танҳо махсуси инсонҳо буд, балки ҳайвонҳоро низ дар бар мегирифт, пеш аз он ки ҷамъиятҳои раҳму шафқат бо ҳайвонҳо бунёд шаванд, ҳазору чаҳорсад сол пеш паёмбар (с) гуфта буд ки: **«Занеро ба хотири гурбае (пишаке) азоб дода шуд, чунки ӯро ҳабс кард, то бимурд, на барояш обу нон дод ва на ӯро гузошт, то аз замин ҳарчи ёбад бихӯрад».**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**"Аз назди паёмбар (с) харе гузашт, ки дар бадани ӯ бо оташ нишонае шуда буд,** (оҳанро дар оташ сурх мекунанду онро ба ҷисми ҳайвон мечаспонанд, то ки нишона шавад) **Паёмбар (с) гуфт: лаънати Худо бар касе, ки ин корро кардааст."**

(Ривояти Муслим)

Аз ибни Масъуд (р) ривоят шудааст, ки гуфт:

**«Дар сафаре ҳамроҳи паёмбар (с) будем. Паёмбар (с) ба хотири ҳоҷате аз мо дур шуд, дар ин ҳол мо паррандаи даштиеро бо ду чӯҷааш дидем ва чӯҷаҳояшро гирифтем, ин парранда болои сари паёмбар (с) омада давр задан гирифт. Паёмбар (с) ба саҳобаҳояш гуфт: чуҷаҳои ин паррандаро ки гирифтааст? Чӯчаҳояшро пас бигардонед».**

(Ривояти Абудовуд)

Аз имом Аҳмад ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) гуфт: **«Ҳар кӣ бо гъшу бинӣ ё дум порае аз ҷисми ҳайвонеро тамсил кунад (бибурад), Худованд ӯро рӯзи қиёмат мисли ҳамон ҳайвон хоҳад кард».**

Ва дар ҳадиси Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки паёмбар (с) фармуд: **«Бо ҳайвонҳо тимсол** (буридани поре аз бадани ҳайвоне) **накунед, Худо лаънат кунад ҳаркиро ки бо ҳайвонҳо тимсол мекунад».**

Аз имом Бухорӣ ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: **«Ҳар кӣ раҳм кунад, агарчи дар куштани гунҷишке, Худованд ӯро рӯзи қиёмат раҳм хоҳад кард».**

Ва дар ривояти дигар мефармояд: **«Ҳар чиро ки дар баданаш ҷон дорад, ҳадаф қарор надиҳед»**, яъне чи намуд ҳайвоне, ки набошад, ҳадаф нагузореду бо найзаҳо бизанед ва ин сухани паёмбар (с) ба бозии испониҳо, ки имрӯз бо номи **"ҷанги барзаговҳо"** машҳур аст, рост меояд, ин бозӣ дар ислом ҳаром аст, чунки он зидди раҳму шафқат аст, онҳо ҳайвонро ҳадафи худ қарор дода, бо найзаҳояшон мезананд ва хуни ҳайвон рехтан мегирад, то ин ки мемирад ва мардум бошанд, механдаиду вақти хуш мегузаронанд.

Паёмбаре, ки пайравонашро аз ноҳақ резондани хуни гунҷишк манъ мекунад, имкон надорад, ки дар ҳақи хуни мардум бепарво бошад, ба ҳамин хотир мегуяд: **«Ман раҳмате ҳастам ҳадя шуда ба мардум».**

(Ривояти Ҳоким)

## Аввалин муаллим

Ҳамду сано Худованди бузургро ва салавоту салом бар беҳтарини паёмбарон Муҳаммад (с) ва аҳли байту асҳобаш.

Ҳамоно аз бузургтарин паҳлуҳои саргузашти паёмбар (с), паҳлӯи таълиму роҳнамои ва ҳидоятро дар бар мегирад, чунки бе шаку шубҳа Паёмбар (с) аз беҳтарини мардум таълим дида ва ҳидояту роҳнамошуда буд ва аз беҳтарини мардум дар гуфтугу ва қаноъатмандсоз буд.

**Ва чаро ин хел набошад!?** Дар ҳоле, ки ӯро Худованди бузург таълим дода буд, чуноне ки мефармояд:

﴿وَعَلَّمَكَ مَا لَمۡ تَكُن تَعۡلَمُۚ ١١٣﴾ [النساء: ١١٣]

**«Ва чизҳое ба ту омӯхт, ки аз ин пеш намедонистӣ»**

(Сураи Нисо, ояти 113**)**

Инчунин Худованд буд, ки ӯро ҳидояту роҳнамоӣ карда буд, чуноне ки у мефармояд:

﴿وَوَجَدَكَ ضَآلّٗا فَهَدَىٰ ٧﴾ [الضحى: ٧]

**«Ва туро гумгашта ёфт ва ҳидоятат кард»**

(Сураи Зуҳо, ояти 7)

Инчунин боз мефармояд:

﴿مَا كُنتَ تَدۡرِي مَا ٱلۡكِتَٰبُ وَلَا ٱلۡإِيمَٰنُ وَلَٰكِن جَعَلۡنَٰهُ نُورٗا نَّهۡدِي بِهِۦ مَن نَّشَآءُ مِنۡ عِبَادِنَاۚ وَإِنَّكَ لَتَهۡدِيٓ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٥٢﴾ [الشورى: ٥٢]

**«Ту намедонистӣ китобу имон чист. Вале Мо онро нуре сохтем, то ҳар як аз бандагонамонро, ки бихоҳем, ба он ҳидоят кунем ва ту ба роҳи рост роҳ нишон медиҳӣ»**

(Сураи Шуро, ояти 52)

Ва Худованд буд, ки барои паёмбараш роҳу услуби чигуна даъватро барояш таҳия кард, чунон ки мефармояд:

﴿ٱدۡعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِٱلۡحِكۡمَةِ وَٱلۡمَوۡعِظَةِ ٱلۡحَسَنَةِۖ وَجَٰدِلۡهُم بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُۚ ١٢٥﴾ [النحل: ١٢٥]

**«Мардумро бо ҳикмату панди некӯ ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодала кун»**

(Сураи Наҳл, ояти 125)

**Инчунин Қуръони карим низ баён кардааст,** ки таълим яке аз мақсадҳои асосии фиристода шудани паёмбар (с) мебошад, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿لَقَدۡ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ إِذۡ بَعَثَ فِيهِمۡ رَسُولٗا مِّنۡ أَنفُسِهِمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمۡ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبۡلُ لَفِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ١٦٤﴾ [آل عمران: ١٦٤]

**«Худо бар мӯъминон инъом фармуд, он гоҳ, ки аз худашон ба миёни худашон паёмбаре равон кард, то оёташро бар онҳо бихонад ва покашон созад ва китобу ҳикматашон биёмӯзад, ҳарчанд аз он пеш дар гумроҳии ошкоре буданд».**

(Сураи Оли Умрон, ояти 164)

Ва ончизе ки фарқ мегузорад миёни таълими паёмбар (с) ва дигар муалимоне, ки аз роҳи ваҳӣ ҳидоят нашудаанд, иртиботи таълими паёмбар (с) дар поксозии нафс ва баландмартабагияш дар камоли таълим аст, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى ٱلۡأُمِّيِّـۧنَ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمۡ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبۡلُ لَفِى ضَلَٰلٖ مُّبِينٖ ٢﴾ [الجمعة: ٢]

**«Ӯст Худое, ки ба миёни мардуме бесавод паёмбаре аз худашон фиристод, то оёташро бар онҳо бихонад ва онҳоро покиза созад ва китобу ҳикматашон биёмӯзонад. Агарчи пеш аз он дар гумроҳии ошкор буданд»**

(Сураи Ҷумъа, ояти 2)

Ва боз мефармояд:

﴿كَمَآ أَرۡسَلۡنَا فِيكُمۡ رَسُولٗا مِّنكُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡكُمۡ ءَايَٰتِنَا وَيُزَكِّيكُمۡ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَيُعَلِّمُكُم مَّا لَمۡ تَكُونُواْ تَعۡلَمُونَ ١٥١﴾ [البقرة: ١٥١]

**«Ҳамчунон ки паёмбаре аз худи шуморо бар шумо фиристодем, то оёти Моро бароятон**

**бихонад ва шуморо покиза гардонад ва китобу ҳикмат омӯзад ва он чиро, намедонистед, ба шумо ёд диҳад».**

(Сураи Бақара, ояти 151)

**Ҳамоно паёмбар (с) паёмбарияшро** дар таълимоте, ки алоқа ба осонӣ ва бардоштани мушкилиҳо аз болои уммат аст, хулоса кардааст, чунон ки паёмбар (с) мефармояд: **«Худованд маро сахтгиру сахтпазир нафиристодааст, балки ҳамчун як муаллими осонгире фиристодааст»**

(Ривояти Муслим)

**Паёмбар (с) худро ҳамчун падар** дар таълиму тарбият нисбат ба фарзандонаш хондааст, чунон ки паёмбар (с) мефармояд: **«Ҳамоно ман барои шумо мисли падаре ҳастам ки таълиматон медиҳам»**

(Ривояти Абудовуд ва Аҳмад)

**Ва аз зикр шудани калимаи падар** дар ҳадис онро фаҳмидан мумкин аст, ки падар нисбат ба фарзандаш дар таълиму тарбият бисёр бораҳму

шафқат ва муҳабати содиқона ва умеди фаровон кӯшиш мекунад. Зеро кист, ки дар таълиму тарбияти фарзандонаш аз падар зиёдтар кӯшишмандтар бошад? Ва оё касе аз падар нисбат ба фарзандонаш мушфиқу бораҳмтар вуҷуд дорад?!

**Ин аст он муалиме,** ки тамоми сифатҳое ки дар муалими комёб дида мешавад, мисли меҳрубониву раҳмдилӣ ва озмандтар (кӯшишмандтар) бар таълими мардум ва ҳидояташон дар ӯ дида мешавад.

Худованд мефармояд:

﴿لَقَدۡ جَآءَكُمۡ رَسُولٞ مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ عَزِيزٌ عَلَيۡهِ مَا عَنِتُّمۡ حَرِيصٌ عَلَيۡكُم بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١٢٨﴾ [التوبة: ١٢٨]

**«Албатта паёмбаре аз худи шумо бар шумо фиристода шуд, ҳар он чӣ шуморо ранҷ медиҳад, бар ӯ гарон меояд. Сахт ба шумо дилбаста аст ва бо мӯъминон мушфиқу меҳрубон аст».**

(Сураи Тавба, ояти 128)

Бо вуҷуди он ки Худованд барояш ҳуҷатҳо ва бисёр зебо пешкаш кардани мақсадашро арзони доштааст, боз барояш тамоми калимаҳоро омӯзондааст ва бароят калимаҳои кӯтоҳ ва бисёр пурмаъноро бахшидааст.

**Ҳазрати Оиша (р) мегуяд: «Суханони паёмбар (с) чунон фаҳмо буданд, ки тамоми ҳар касе ки ӯро мешунавид мефаҳмид»**

(Ривояти Абудовуд)

**Ва ин яке аз муъҷизаҳо ва далилҳоест бар паёмбарии Муҳаммад (с)** шояд бисёр мардумоне ҳастанд, ки суханони олимон ва нависандагонро дар китобҳову мақолаҳояшон намефаҳманд, лекин ҳангоме ки ҳадиси Паёмбар (с)-ро мехонанд, дарҳол онро мефаҳманд ва бо дилҳояшон наздик будани маъноҳои онро эҳсос мекунанд ва эҳтиёҷе ба шарҳу баён кардани зиёдро надоранд ва ин осонӣ дар суханҳо ва пешкаш кардан аз сифатҳои муаллими комёбест, ки паноҳ намеҷуяд ба сӯи ношиносе, ки касе аз мардум ӯро намешиносад.

***

## Меҳрубонӣ бо шогирдон (таълимгирандагон)

Паёмбар (с) бо шогирдонаш бисёр меҳрубон буд, онҳоро на дашном медод ва на латукӯб мекард ва на сарзаниш мекард ва на аз худаш онҳоро дур месохт, балки таманно мекард ва раҳм мекарду дар таълиму роҳнамоии мардум сабр мекард, бо вуҷуди ҳамаи он каҷфаҳмиҳову тафриқаҳо.

## Аз намунаҳои меҳрубонии паёмбар (с) бо шогирдон:

**1) Муъовия ибни Ҳаками Суламӣ (р) мегуяд: "Ҳангоме, ки ман бо паёмбар (с) намоз мехондам, марде аз миёни мардум атса зад, ман гуфтам "Ярҳамукаллоҳ" яъне: Худованд туро раҳм кунад, ҳама бо якояк ба сӯям назар карданд. Бо худ гуфтам: вой бар ман, модарам дар мотамам нишинад, чи шудааст бар шумо ки ба сӯи ман назар мекунед, онҳо бо дастонашон шурӯъ кардан ба задан бар ронҳояшон, вақто нигоҳ кардам, онҳо маро ишора кардан, ки хомӯш бош. Ман хомӯш истодам, чун паёмбар (с) намозашро тамом кард, падару модарам фидояш бод, ман мисли ӯ ҳамчун муаллиме на**

дар гузашта ва на баъд аз ӯ бо он намуд таълими зебо надидам, савганд ба Худо, ки манро на бад гуфт ва на латукӯб кард ва на дашномам дод, балки гуфт: Ин намоз аст ва дар он тасбиҳ (Субҳоналлоҳ) асту такбиру (Аллоҳу акбар) хондани Қуръон (аз сураҳои Қурон...)"

(Ривояти Муслим)

Имом Нававӣи мегуяд: Ин ҳодиса ҳамон бузургии ахлоқи паёмбар (с)-ро нишон медиҳад, ки Худованд барояш онро шаҳодат дода буд, инчунин ин ҳодиса далолат бар меҳрубони ва шафқати паёмбар (с) нисбати нодонро мекунад, ҳамчунин дар ин ҳодиса намунаи бузурге дар беҳтарин намуди таълиму тарбият ва лутфу меҳрубонӣ бо навомӯзон вуҷуд дорад.

2) Аз Анас ибни Молик ривоят аст, ки гуфт: "Ҳангоме ки мо бо паёмбар (с) дар масҷид нишаста будем, бодиянишине омаду дар кунҷи масҷид пешоб кард, саҳобаҳо ҳама бо як овоз гуфтанд: маҳ маҳ (ҳе ҳе ҳе). Паёмбар (с) гуфт: ӯро бигузоред, сипас ӯро ба ҳоли худ гузоштанд, то ин ки ҳоҷаташро тамом кард, сипас ӯро

паёмбар (с) ба наздаш хонду гуфт: инҷо масҷид аст ва дар инҷо мисли ин корҳо на пешобу на дигар намуд палидиҳо ҷоиз нест, балки инҷо махсус барои зикри Худованду намозгузорӣ ва хондани Қуръон аст, сипас мардеро аз саҳобаҳояш амр кард, ки дар обдоне об биёраду болои палиди бипошад."

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**3) Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки гуфт:** "Марде назди паёмбар (с) омаду гуфт: Эй расули Худо! Ман ҳалок шудам, Паёмбар (с) гуфт: вой бар ту чӣ мегӯӣ? Он мард гуфт: бо занам дар рамазон ҳамхоба шудам. Паёмбар (с) гуфт: ғуломеро озод кун, он мард гуфт: тавони онро надорам, Паёмбар (с) гуфт: ду моҳи пайдар пай рӯза бигир, он мард гуфт: тавони инро низ надорам. Паёмбар (с) гуфт: шаст мискинро таъом бидеҳ, он мард гуфт: тавони инро низ надорам. Дар ин ҳангом ба назди паёмбар (с) касе ширaи хурмо овард. Паёмбар (с) ба он мард гуфт: инро бигир ва садақа кун, он мард гуфт: оё ба хонаводаи худам ё ба дигар кас? Савганд

**ба Зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, аз ин тараф то ба он тарафи Мадина мисли ман эҳтиёҷманде вуҷуд надорад. Паёмбар (с) чунон хандид, ки дандонҳои муборакаш намоён шуданд, сипас гуфт: инро бигир ва бо аҳлу оилаат бихӯр."**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ин мард ҳангоме ки ба назди паёмбар (с) омад, аз хатое, ки дучори он шуда буд, эътироф карда ва пушаймонияшро изҳор кард ва фикри роҳи аз нигоҳи шариъат аз он мушкилот баромаданро ҷустуҷӯ мекард, паёмбар (с) бо ӯ сахтгирӣ накард, балки бо камоли меҳрубони ӯро хабар дод, ки бояд кафорати (муҷозоти) гуноҳашро бипардозад ва муҷозоти пай дар пай шурӯъ мешуд аз он ки бояд ғуломеро (харида) озод кунад, сипас агар тавонашро надорад, ду моҳи пай дар пай рӯза бидорад ва агар тавонашро надорад, шаст мискинро таъом бидиҳад. Чун паёмбар (с) дид, ки он мард тавони ҳеҷ кадоми аз инҳоро надорад, ба ӯ чизеро дод, то ки садақа кунад ва ҳатто вақто дид, ки он мард аз ҳама зиёд эҳтиёҷмандтар аст, барояш

иҷозат дод, ки он садақаро барои худаш бигирад ва дар хонаводааш сарф кунад.

***

## Сарзанишҳои холӣ аз ранҷиш

Намунаи таълими некӯи паёмбар (с) он буд, ки чун мехост хато ё ғалати касеро ислоҳ кунад, ҳеҷ гоҳ он хатокорро ба хотири хатоҳояш дар миёни мардум ошкору шарманда намесохт, балки суханонашро тарзе баён мекард, ки касе дарк намекард паёмбар (с) киро дар назар дорад, аммо шахси хатокор бошад, дарҳол инро дарк мекарду аз кори хатояш даст мекашид, чунон ки дар ҳадиси ҳазрати Оиша (р) омадааст: **Паёмбар (с) чизеро дуруст карду ба мардум иҷоза дод, ки аз он истифода баранд, вале баъзеҳо аз истифода бурдани он даст кашиданд. Ҳангоме ки ин хабар ба паёмбар (с) расид, мардумро хитоб карда Худовандро ҳамду сипос хонду гуфт: «Чи шудааст баъзе мардумро, ки аз чизе ки ман дуруст кардам даст кашидаанд, савганд ба Худованд, ки ман дар шинохти Худованд аз онҳо донотарам ва аз ҳамаи онҳо дида ман аз Худованд зиёдтар метарсам"**

Бе гумон, ки пушонидан ва ошкор насохтани хатокор миёни мардум, дар шахсияти хатокор

асари бузурге мегузорад, чунки ӯ медонад, ки мақсад таълим аст, на шарманда сохтан ва муаллим бо ин услубаш қадру қимати хатокорро поймол намекунад ва ин муомила барои хатокор фурсате мебахшад, ки насиҳатро ҳарчи зудтар қабул кунаду аз хатояш даст кашад ва дар айни ҳол зиёд шудани муҳабати муаллим дар дили хатокор ва қабули насиҳатҳои ӯ мегардад.

***

## Омӯхтан ба хотири тайёр кардани шахсиятҳои намунавӣ

Бисёре аз маллимон муҳим будани омӯхтан ба хотири тайёр кардани шахсиятҳои намунавиро тасаввур намекунанд, чунки онҳоро дида мешавад, ки ба корҳое насиҳат мекунанд, ки худашон хилофи онро амал мекунанд ва ин кифояткунанда аст барои поймол шудани маконату манзилаташон дар назди шогирдонашон ва фоида набурдани шогирдон аз насиҳатҳояшон, балки ҳолатҳое мешавад, ки шогирдон акси гуфтаҳои ин гуна муаллимонро анҷом медиҳанд ва дар хатое, ки онҳо дучор шудаанд, бо сабаби насиҳати муаллими беамал онро чанд маротиба анҷом хоҳанд дод.

Ва Худованд аз чунин услуби таълими огоҳӣ додааст, чунон ки мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ۝٢ كَبُرَ مَقۡتًا عِندَ ٱللَّهِ أَن تَقُولُواْ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ۝٣﴾ [الصف: ٢ – ٣]

**«Эй касоне, ки имон овардаед, чаро суханоне мегӯед, ки иҷро намекунед?**

**Худованд сахт ба хашм меояд, ки чизе бигӯеду ба ҷой наёваред».**

(Сураи Саф, ояти 2-3)

Ва боз мефармояд:

﴿أَتَأۡمُرُونَ ٱلنَّاسَ بِٱلۡبِرِّ وَتَنسَوۡنَ أَنفُسَكُمۡ وَأَنتُمۡ تَتۡلُونَ ٱلۡكِتَٰبَۚ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ ٤٤﴾

[البقرة: ٤٤]

**«Оё дар ҳоле ки китобро мехонед, мардумро ба некӣ фармон медиҳед ва худро фаромӯш мекунед? Оё ақлро кор намефармоед!»**

(Сураи Бақара, ояти 44)

Аммо паёмбар (с) намунаи солеҳ ва пешвои хубе барои умматаш буд, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿لَّقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ ٢١﴾ [الأحزاب: ٢١]

**«Дар симои расулуллоҳ муқтадои (пешвои) писандидаест, мебинед».**

(Сураи Аҳзоб, ояти 21)

Ва ҳангоме ки Худованд паёмбар (с)-ро бар дороӣ аз беҳтарини ахлоқ амр кард, ӯ аз беҳтарини мардум дар ахлоқаш буд, ҳатто ахлоқи ӯро бо Қуръон монанд карданд ва гуфтанд: Ахлоқи ӯ Қуръон буд ва Парвардигораш ӯро бар соҳиби беҳтарини ахлоқ васф кард, чунон ки мефармояд:

﴿وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ۝٤﴾ [القلم: ٤]

**«Ва ту дорои ахлоқи азиме ҳастӣ»**

(Сураи Қалам, ояти 4)

Аммо баъзе аз муаллимони имрӯза, ки Худованд ҳидоятaшон кунад, аз сигоркашӣ шогирдонашонро манъ мекунанд ва худашон сигор мекашанд ва аз шунидани суханони фоҳиша шогирдонашонро манъ мекунанд, сипас худашон ба он гӯш медиҳанд, ва шогирдонро аз танбалӣ ва ҳозир нашудан дар дарсҳо огоҳӣ медиҳанд, сипас худашон дар анҷоми вазифаҳояшон танбалӣ карда, на дар ҳама дарсҳо ҳозир мешаванд ва на дарсҳоро хуб шарҳ медиҳанд, пас шогирдон аз чунин муаллимон зиёд истифода карда наметавонанд.

Муаллим бояд чунон бошад, ки гуфтаи шоир авсофи ӯ гардад:

***Агар дар ҷаҳон набувад омӯзгор***

***Шавад тира аз бехирад рӯзгор***

***

## Омӯзонидан бо гуфтугӯ ва қаноъатманд сохтан аз нигоҳи ақлӣ

Ҷавоне назди паёмбар (с) омаду гуфт: **Эй Расули Худо! Маро иҷозат бидеҳ, то зино кунам!!**

**Пас мардум бар сараш ҳуҷум карда сарзанишкунон гуфтанд: эҳ эҳ (маҳ-маҳ).** Паёмбар (с) гуфт: **наздик шав,** ҷавон каме наздик шуд.

Паёмбар (с) гуфт: **Оё (зиноро) барои модарат дӯст медорӣ?**

Ҷавон гуфт: **Савганд ба Худо ки на, Худованд маро фидои шумо кунад.**

Паёмбар (с) гуфт: **ва мардум низ онро (зиноро) барои модаронашон дӯст намедоранд.**

Боз Паёмбар (с) гуфт: **оё барои духтарат** (зиноро) **дӯст медорӣ?**

Ҷавон гуфт: **Савганд ба Худо ки на, эй Расули Худо, маро Худованд фидои шумо кунад.**

Паёмбар (с) гуфт: **ва мардум низ онро** (зиноро) **барои духтаронашон дӯст намедоранд.**

Боз Паёмбар (с) гуфт: **оё барои хоҳарат** (зиноро) **дӯст медорӣ?**

Ҷавон гуфт: **Савганд ба Худо ки на, эй Расули Худо, манро Худованд фидои шумо кунад.**

Паёмбар (с) гуфт: **ва мардум низ онро** (зиноро) **барои хоҳаронашон дӯст намедоранд.**

Боз Паёмбар (с) гуфт: **оё барои аммаат** (зиноро) **дӯст медорӣ?**

Ҷавон гуфт: **Савганд ба Худо, ки на, Худованд манро фидои шумо кунад.**

Паёмбар (с) гуфт: **ва мардум низ онро** (зиноро) **барои аммаҳояшон дӯст намедоранд.**

Боз Паёмбар (с) гуфт: **Оё барои холаат** (зиноро) **дӯст медорӣ?**

Ҷавон гуфт: **Савганд ба Худо, ки на, Худованд манро фидои шумо кунад.**

Паёмбар (с) гуфт: **Ва мардум низ онро** (зиноро) **барои холаҳояшон дӯст намедоранд.**

Сипас гуфт: Паёмбар (с) дасташро болои у гузошту гуфт: **Бор, Илоҳо, гуноҳони ӯро бубахш ва дилашро пок гардон ва шармгоҳашро аз ҳаромиҳо ҳифозат намо.**

Баъди ин (дуъои паёмбар (с) он ҷавон дигар майле ба сӯи амали ҳароме накард."

(Ривояти Аҳмад)

Ягон шаку шубҳае нест, ки чунин тарзи гуфтугӯ пурмаънотару фоидаовартар аст дар омӯхтан ва расонидани маълумот ба шунаванда, аз яку якбора равона сохтани сухан ва махсус дар чунин ҳолати бисёр ҳассосе, ки робита бо ҷавоне дорад, ки дар дарёи шаҳват ғарқ шудааст ва муомила бо чунин ҷавон бисёр сабру меҳрубонӣ ва маҳорати қаноъатманд сохтан аз нигоҳи ақлиро дорад.

***

## Омӯзонидан бо усули такрор

Ҳамоно ки бо тарзи такрори омӯзонидан, маълумотҳоро дар зеҳни шогирдон нақш мебандад, ба ҳамин хотир паёмбар (с) омӯзониданро бо тарзи такрори ихтиёр кард.

Анас ибни Молик (р) мегуяд: **«Ҳар гоҳ ки паёмбар (с) сухане мегуфт, ӯро се бор такрор мекард, то ин ки маънояш фаҳмида шавад».**

(Ривояти Бухорӣ)

Аз ҷумлаи суханҳое, ки паёмбар (с) онро такрор мекард, ин буд, ки мегуфт: **«Оё шуморо аз бузургтарини гуноҳони кабира (бузург) хабардор накунам?»** Ва инро се бор такрор мекард, мардум мегуфтанд: бале эй паёмбари Худо.

Сипас гуфт: **«Шарик қарор додан касеро бо Худованд ва оқи падару модар».**

Ва ҳангоме ки такя зада буд аз ҷояш бармехост ва менишасту мегуфт: **«ва тӯҳмати дидаву диниста ва тӯҳмати дидаву дониста»** ва ин

суханро он қадар зиёд такрор мекард, ки бо худ мегуфтем, эй кош дигар такрор накунад.

Дар чунин суханҳои такрори фоидаҳои муҳиме вуҷуд дорад, аввал ин ки аз ин гуна такрор мардум мефаҳмиданд, ки Паёмбар (с) дар туҳмати дидаву дониста бисёр сахтгир аст, дувум, ин ки асари сухани такроршуда дар зеҳни инсон муддатҳои дароз боқӣ хоҳад монд ва аз дучор шудан ба он гуноҳе, ки манъ шуданаш бо тарзи такрори омадааст, бисёр эҳтиёт мекунанд, ҳатто то дараҷае, ки мардум таманно мекарданд, ки паёмбар (с) ин қадар зиёд сахтгирӣ накунад.

***

## Омӯзонидан ба даъват кардани мардум ба сӯи фикр кардан ва кор фармудани ақл

Ҳамоно ки муаллими комёб суолҳоро миёни шогирдонаш матраҳ месозаду барояшон фурсати фикр кардану кор фармудани ақлҳояшонро медиҳад, то ки худи онҳо бо тафаккуру тааммул ва истифода аз ақлҳояшон ба ҷавоби дурусту саҳеҳ бирасанд ва барои шогирдон ҳеҷ гоҳ ҷавобҳои тайёр ва сареъро пешкаш намекунад, чунки ин гуна омӯзиш шогирдро ба танбалӣ мекашонад ва ӯро аз фикр кардану кӯшиш кардан дар пайдо кардани ҷавобҳои матлуб боз медорад.

Намунае аз ин гуна омузиши паёмбар (с) дар ривояти Абдуллоҳ ибни Умар омадааст, ки паёмбар (с) гуфт: **«Дарахтест аз дарахтон, ки баргҳояш намерезанд ва ин дарахт ба монанди инсони мусулмонаст, акнун шумо бигуед, ки мақсади ман аз ин дарахт чист? Фикрҳои мардум ҳама ба дарахте афтод ки баргҳояш намерезанд.**

**Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: дар фикри ман чунин омад, ки он дарахти хурмо аст, вале**

**шарм доштам, ки онро ба паёмбар (с) бигуям, сипас аз паёмбар (с) пурсидам, ки кадом аст он дарахт эй Паёмбари Худо? Паёмбар (с) гуфт: он дарахти хурмо аст».**

(Ривояти Бухорӣ)

Дар ин ҳадис чуноне маълум аст, паёмбар (с) барои мардум фурсат дод, то бо истифода аз ақлҳояшон фикр кунанду ҷавоби дурустро бо кушишу талошҳояшон пайдо кунанд ва ҳангоме ки онҳо ба ҷавоби дуруст нарасиданд, аз паёмбар (с) талаб карданд, ки ҷавоби дурустро барояшон бигуяд, сипас ҷавобро барояшон гуфт.

Имом Айнӣ мегуяд: Дар ин ҳадис барои олим мустаҳаб аст, ки миёни шогирдонаш масъалаеро гузорад то ки фаҳмиши онҳоро имтиҳон кунад ва онҳоро дар фикр кардан шавқманд созад.

Ва ибни Ҳаҷар мегуяд: Дар ин ҳадис омӯзиш дар масал задан ва ташбеҳ сохтан, барои фаҳмиши зиёд ва тасаввур кардани маъноҳо ва ҷойгир шудани онҳо дар зеҳн ва муҳаддад сохтани фикр дар назар андохтан, дар ҳукми ҳодисае омадааст.

## Омӯзонидан бо тарзи сахтгирӣ ва тарсондан

Мешавад ҳолатҳое, ки агар барои инсони насиҳатгар осонгирӣ ва шавқмандсозӣ фоида наорад, рӯ ба сахтгирӣ ва тарсондан меорад, ё ин ки агар гуноҳ чунон бузурге бошад, ки аз он имкони гузариш ва бахшиш набошад, пас дар ин сурат низ аз сахтгирӣ ва тарсонидан истифода бурда мешавад.

Аз намунаҳои таълими паёмбар (с) бо ин тарзи омӯзиш ривоят шудааст, ки Умар ибни Хаттоб (р) саҳифаеро овард, ки дар он навиштаҳои аҳли китоб буд, вақте ки онро хонд, паёмбар (с) бисёр ғазабнок шуду гуфт: **«Оё дар ҳайрат афтодаед эй ибни Хаттоб?! Савганд ба Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ман онро бароятон сафеду беғубор овардаам, онҳоро (аҳли китобро) аз чизе напурсед, шояд бароятон дуруст ҷавоб диҳанд ва шумо онро хато пиндоред, ё ин ки бароятон дурӯғ бигуянд ва шумо онро рост пиндоред, савганд ба Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, агар**

**Мӯсо зинда бошад, барояш чизе нест, магар ин ки маро пайравӣ кунад».**

(Ривояти Аҳмад)

Инчунин ибни Абос (р) ривоят мекунад, ки **чун Паёмбар (с) ангуштарии тилоиеро дар дасти марде дид, ӯро аз дасташ гирифта бар замин зад ва гуфт: «касе аз шумо дидаву дониста лахчаи оташро гирифта дар ангушташ мегузорад?" Ҳангоме ки паёмбар (с) аз онҷо рафт, ба он мард гуфтанд: ангуштариятро бигир ва дар дигар корат истифодааш бубар, он мард гуфт: Савганд ба Худо, ки на, ҳаргиз ӯро намегирам, ӯро паёмбар (с) бар замин зад».**

(Ривояти Муслим)

Дар инҷо мебинем, ки мақсад аз сахтгирии паёмбар (с) дар гирифтани ангуштарии он мард ва бар замин заданаш, эҳтимоми паёмбар (с) бар он мард буд, ки барояш хоҳони хайру наҷот буд ва ин кори паёмбар (с) ба монанди он буд, ки гӯё паёмбар (с) дар дасти он мард лахчаи оташеро дида

нахост, ки бар он мард зарараш бирасад ва ӯро аз дасташ гирифта дуртар ба замин андохт.

Ва ин тарсондан ва сахтгирӣ бо муҳаббату эҳтимом бар саломатии хатокор якҷоя шуда муҳаббати тарбиятгар ё муаллимро дар дили хатокор бештар мегардонад, чунки хатокор медонад, ки мақсади муаллим аз сахтгирияш бахотири наҷоти ӯ аз ҳалокшавӣ мебошад.

Таълимоти паёмбар (с) дар тарзҳои омӯхтани шогирдон хеле зиёд аст ва ҳамаи он чи ки мо зикр кардем, қатрае аз баҳри таълимоти паёмбар (с) ба ҳисоб меравад. Пас барои ҳар муаллими комёб лозим аст, ки ҳаёту суннати паёмбар (с)-ро биёмузад ва дар анҷоми вазифааш аз он истифода барад.

***

## Муҳаммад (с)  дар Таврот ва Инҷил

Ҳамду сано Худованди бузургро ва салавоту салом бар беҳтарини паёмбарон Муҳаммад (с) ва аҳли байту асҳобаш.

Яке аз фарқҳои асосӣ миёни мусулмонону пайравони дигар динҳо он аст, ки мусулмонон ба тамоми паёмбарон аз Одам (а) то ба Муҳаммад (с) имон доранд, аз ҷумла бар паёмбарии Нӯҳу Иброҳим ва Мӯсову Исо (а).

Ислом барои ҳар як мусулмон лозим медорад, ки бояд ба ҳамаи паёмбарон имон биёрад ва онҳоро тасдиқ кунад ва онҳоро дӯст бидораду эътиқод кунад, ки онҳо аз беҳтарини халқи Худованд ба ҳисоб меравaнд.

Ҳамчунин Ислом лозим медорад, ки агар ҳар ки паёмбарии яке аз ин паёмбаронро дурӯғ бишморад, пас ӯ гӯё ба тамоми паёмбарон кофир шудааст, мисли ин ки агар мусулмоне ба Муҳаммад (с) имон биёраду ба Исо (а) имон наорад, ин шахс дар ислом кофир дониста мешавад, чунки ӯ паёмбарии паёмбаре аз паёмбарони Худовандро

инкор кардааст, агар чи ба паёмбарии Муҳаммад (с) имон дошта бошад, ҳамчуноне ки шахсе ба ҳамаи паёмбарон имон биёраду аммо ба паёмбарии Муҳаммад (с) имон наорад, ин шахс низ кофир дониста мешавад.

Ҳамоно дар Қуръони карим омадааст, ки паёмбари ислом Муҳаммад (с) дар Тавроту Инҷил бо сифатҳову амалҳое, ки онҷом хоҳад дод, зикр шудааст.

Худованд мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ ٱلرَّسُولَ ٱلنَّبِيَّ ٱلْأُمِّيَّ ٱلَّذِي يَجِدُونَهُۥ مَكْتُوبًا عِندَهُمْ فِي ٱلتَّوْرَىٰةِ
وَٱلْإِنجِيلِ يَأْمُرُهُم بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَىٰهُمْ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ
ٱلْخَبَٰٓئِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَٱلْأَغْلَٰلَ ٱلَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْۚ فَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِهِۦ وَعَزَّرُوهُ
وَنَصَرُوهُ وَٱتَّبَعُوا۟ ٱلنُّورَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ مَعَهُۥٓ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ١٥٧﴾ [الأعراف: ١٥٧]

**«Онон, ки аз ин расул, ин паёмбари уммӣ, ки номашро дар Тавроту Инҷили худ навишта меёбанд, пайравӣ мекунанд, он кӣ ба некӣ фармонашон медиҳад ва аз ношоиста бозашон медорад ва чизҳои покизаро бар онҳо ҳалол мекунад ва чизҳои нопокро ҳаром.**

**Ва бори гаронашонро аз дӯшашон бармедорад ва банду занҷирашонро мекушояд. Пас касоне, ки ба ӯ имон оварданд ва ҳурматашро нигоҳ доштанд ва ёриаш карданд ва аз он китоб, ки ба ӯ нозил кардаем, пайравӣ карданд, наҷот ёфтагонанд!»**

(Сураи Аъроф, ояти 157)

Инчунин дар Қуръони карим омадааст, ки Иброҳим (а) барои омадани паёмбарамон дуъо кардааст, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿رَبَّنَا وَٱبۡعَثۡ فِيهِمۡ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِكَ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَيُزَكِّيهِمۡۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ١٢٩﴾ [البقرة: ١٢٩]

**«Эй Парвардигори мо, аз миёнашон паёмбаре бар онҳо бифирист, то оёти туро бар онҳо бихонад ва ба онҳо китобу ҳикмат биёмӯзад ва онҳоро покиза созад ва ту пирӯзманду ҳаким ҳастӣ!»**

(Сураи Бақара, ояти 129)

Ва инчунин Исо (а) ба омадани паёмбарамон (с) башорат дода буд, чунон ки Худованд мефармояд:

﴿وَإِذۡ قَالَ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ يَٰبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُم مُّصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيَّ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَمُبَشِّرَۢا بِرَسُولٖ يَأۡتِي مِنۢ بَعۡدِي ٱسۡمُهُۥٓ أَحۡمَدُۖ ٦﴾ [الصف: ٦]

**«Ва Исо ибни Марям гуфт: «Эй банӣ Исроил, ман паёмбари Худо бар шумо ҳастам. Тавротеро, ки пеш аз ман будааст, тасдиқ мекунам ва мужда медиҳам ба паёмбаре, ки баъд аз ман меояд ва номаш Аҳмад аст».**

(Сураи Саф, ояти 6)

Паёмбар (с) ин маъноҳоро таъкид карда мегуяд: **«Ҳангоме ки ман дар назди Худованд охирини паёмбарон ихтиёр карда шуда будам, Одам то ҳол аз гил ҷудо нашуда буд, ман шуморо аз аввали шаънам хабар медиҳам, ман касе будам, ки падарам Иброҳим аз бароям дуъо карда буд ва ман касе ҳастам, ки аз бароям Исо қавмашро башорат дода буд ва ман касе ҳастам, ки модарам дар хобаш дида буд».**

(Ривояти Аҳмад ва Ибни Ҳаббон ва Ҳоким)

Ин кор дар Иброҳиму Исо (а) тамом нашуда буд, балки Худованд аз ҳамай паёмбарон аҳд гирифта буд, ки ба паёмбари охирин имон биёранду ӯро нусрат бидиҳанд.

Худованд мефармояд:

﴿وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ لَمَآ ءَاتَيۡتُكُم مِّن كِتَٰبٖ وَحِكۡمَةٖ ثُمَّ جَآءَكُمۡ رَسُولٞ
مُّصَدِّقٞ لِّمَا مَعَكُمۡ لَتُؤۡمِنُنَّ بِهِۦ وَلَتَنصُرُنَّهُۥۚ قَالَ ءَأَقۡرَرۡتُمۡ وَأَخَذۡتُمۡ عَلَىٰ ذَٰلِكُمۡ إِصۡرِيۖ
قَالُوٓاْ أَقۡرَرۡنَاۚ قَالَ فَٱشۡهَدُواْ وَأَنَا۠ مَعَكُم مِّنَ ٱلشَّٰهِدِينَ ٨١﴾ [آل عمران: ٨١]

**«Ва Худо аз паёмбарон паймон гирифт, ки шуморо китобу ҳикмат додаам; ба паёмбаре, ки дини шуморо тасдиқ мекунад ва ба паём назди шумо меояд, имон оред ва ёриаш кунед. Гуфт: Оё иқрор кардед ва аҳди Маро пазируфтед? Гуфтанд: Иқрор кардем. Гуфт; Пас шаҳодат диҳед ва Ман низ бо шумо аз шоҳидонам».**

(Сураи Оли Умрон, ояти 81)

Аз Ато ибни Ясор ривоят шудааст, ки мегуяд: **Бо Амр ибни Ъос (р) вохӯрдам ва аз ӯ хоҳиш**

**кардам, ки аз чи гуна сифат шудани паёмбар (с) дар Таврот бароям хабар бидиҳад.**

**Ӯ гуфт: Бале ба Худо қасам, ки паёмбар (с) он чунон ки дар Таврот сифат шудааст, дар Қуръон ҳамонгуна сифат шудааст.**

Худованд мефармояд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِنَّآ أَرۡسَلۡنَـٰكَ شَـٰهِدٗا وَمُبَشِّرٗا وَنَذِيرٗا ٤٥﴾ [الأحزاب: ٤٥]

**«Эй паёмбар, Мо туро фиристодем то шоҳиду муждадиҳанда ва бимдиҳанда бошӣ!».**

(Сураи Аҳзоб, ояти 45)

**Ва ҳифозаткунандаи ҷоҳилон** *(уммийн)* **бошӣ. Ту банда ва паёмбари ман ҳастӣ, туро ном гузоштам Матаваккил (таваккулкунанда) ва ту на бадгӯй ҳастӣ ва на сангдил ва на дар бозорҳо баланд садо ҳастӣ ва ҳар кӣ бадӣ кард, ӯро ҷазои бади намедиҳӣ, балки бахшишу меҳрубонӣ мекунӣ ва Худованд ӯро намегирад, то ин ки мардуми каҷфаҳму якравро чунон тарбият кунад, то ки калимаи** ***Ло илоҳа илаллоҳ*****ро ба забон биёранд, то ки чашмони**

**нобиноёнро бино ва гӯшҳои ношунавоёнро шунаво ва дилҳои бастаро боз кунад.**

(Ривояти Бухорӣ)

Яҳудиҳо ба Муҳаммад (с) имон надоранд, ҳамчунон ки онҳо ба Исо (а) низ имон надоранд ва Яҳудиёну Насрониён мегуянд: Муҳаммад дар Таврот ва дар Инҷил зикр нашудааст ва агар Муҳаммад паёмбари барҳақ мебуд, дар Тавроту Инҷил зикр мешуд.

Насрониҳо мегуянд: Баъди Исо (а) паёмбаре нест, агар ин тавр бошад, суоле ба миён меояд, ки оё инро Исо (а) гуфтааст, ки баъди ӯ паёмбаре нест? Оё дар дар ягон ҷои Инҷил Исо (а) гуфтааст, ки ман охирин паёмбарам? Ва оё аз мо шунидаед гуфта бошем, ки на, дар ягон ҷои Инҷил Исо (а) нагуфтааст, ки ман охирин паёмбарам.

Инчунин оё аз шартҳои дуруст шудани паёмбарӣ онаст, ки бояд паёмбари оянда дар китобҳои осмонӣ паёмбарони гузашта зикр шаванд? Аз нигоҳи ҳақиқат инҳо шарти дуруст шудани паёмбари нестанд, бо ин далил, ки Мӯсо (а)

дар китобҳои осмони паёмбарони пеш аз худаш зикр нашуда буд.

Ва мо боз суол мекунем: Агар паёмбари мо Муҳаммад (с) дуруғгӯ мебуд, ***(ба Худо паноҳ мебарам аз ин сухан)***, пас барои чи ин қадар мардуми зиёд аз замонаш то имрӯз ин фиребҳои ӯро ***(ба Худо паноҳ мебарам аз ин сухан)*** тасдиқ мекунанд? Барои чи пайравони ин паёмбар рӯз торӯз зиёд шуда истодаанд ва теъдодашон ба беш аз як милярду сесад милён расидааст ва дар кишварҳои мухталифи дунё зиндагӣ мекунанд?.

Барои чи имрӯзҳо бузургону донишмандони машҳури дини Насроният, ки дар кишварҳояшон соҳиби ҷоҳу манзилати оли мебошанд ва соҳиби ақли расо ҳастанд, исломро мепазиранду пайравӣ мекунанд? Аз ҷумла тоҷирону табибон ва ҳунармандону мусиқинавозон ва сиёсиёну варзишгарон ва ҳатто роҳибони калисо ва мардони дин низ исломро пазируфта истодаанд, ҳатто адади онҳо на даҳҳо ва на садҳо, балки ба ҳазорҳо расида истодааст, пас оё ҳамаи он тозамусалмонон, пайравӣ аз фиребу хаёлҳои беасл карда истодаанд?

Ё ин ки онҳо дар ислом амнияту оромии нафсашонро пайдо кардаанд? Ва ё ин ки паёмбар (с)-ро ҳамчун як марди комилтарин миёни башарият пайдо кардаанд.

Ӯ ҳамон паёмбари охирин ва расуле, ки ҳама дар интизораш буданд, мебошад ва мардум бояд ба ӯ имон биёранду ӯро пайравӣ кунанд ва аз таълимоти ӯ баҳраманд шаванд.

***

### Муждаҳо

Аммо нисбат ба он чи ки мегуянд, паёмбари ислом (с) дар Тавроту Инҷил зикр нашудааст, ин сухан аз равшантарини дурӯғҳо ва бадтарин намуди итифоқе аст бар пӯшонидану пинҳон кардани ҳақиқат. Диндорони яҳудӣ ва насронӣ зикри паёмбари исломро дидаву дониста гоҳ бо ноқис кардани Инҷилу Таврот ва гоҳ бо зиёд кардан ва ҳатто гоҳо бо таҳрифу табдили Инҷилу Таврот ва ё ин ки бо таъвилҳои ноҷо пинҳону махфӣ карданд, Он чунон ки Худованд мефармояд:

﴿يُحَرِّفُونَ ٱلۡكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ وَنَسُواْ حَظّٗا مِّمَّا ذُكِّرُواْ بِهِۦۚ ١٣﴾ [المائدة: ١٣]

**«Калимотро аз маънии худ тағйир месозанд ва аз он панд, ки ба онҳо дода шуда буд, насиби хеш фаромӯш кардаанд»**

(Сураи Моида, ояти 13)

Боз Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ لِمَ تَلۡبِسُونَ ٱلۡحَقَّ بِٱلۡبَٰطِلِ وَتَكۡتُمُونَ ٱلۡحَقَّ وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٧١﴾ [آل عمران: ٧١]

**«Эй аҳли китоб, бо он ки аз ҳақиқат огоҳед, чаро ҳақро ба ботил меомезед ва ҳақиқатро пинҳон мекунед?»**

(Сураи Оли Умрон, ояти 71)

Инчунин боз мефармояд:

﴿ يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ قَدۡ جَآءَكُمۡ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمۡ كَثِيرٗا مِّمَّا كُنتُمۡ تُخۡفُونَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ
وَيَعۡفُواْ عَن كَثِيرٖۚ قَدۡ جَآءَكُم مِّنَ ٱللَّهِ نُورٞ وَكِتَٰبٞ مُّبِينٞ ١٥ يَهۡدِي بِهِ ٱللَّهُ مَنِ ٱتَّبَعَ
رِضۡوَٰنَهُۥ سُبُلَ ٱلسَّلَٰمِ وَيُخۡرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ بِإِذۡنِهِۦ وَيَهۡدِيهِمۡ إِلَىٰ صِرَٰطٖ
مُّسۡتَقِيمٖ ١٦ ﴾ [المائدة: ١٥ – ١٦]

**«Эй аҳли китоб, паёмбари Мо назди шумо омад, то бисёре аз китоби Худоро, ки пинҳон медоштед, бароятон баён кунад ва аз бисёре даргузарад ва аз ҷониби Худо нуре ва китобе зоҳиру ошкор бар шумо нозил шудааст.**

**То Худо бо он ҳар касро, ки дар паи хушнудии ӯст, ба роҳҳои саломат ҳидоят кунад ва ба фармони худ аз торикӣ ба рӯшноияшон бубарад ва ононро ба роҳи рост ҳидоят кунад».**

(Сураи Моида, ояти 15- 16)

Он ихтилофҳое, ки миёни чаҳор Инҷил мебошад, далолат бар он мекунад, ки дар он Инҷилҳо таҳрифу тағийр ва зоиду нуқсоне руй додааст, ки аз инсоне, ки соҳиби илму ақли расо аст, пинҳон намемонад. Агар чунин набошад, пас чаро дар Инҷиле, ки бар Исо (а) нозил шудааст, қиссаи дар салиб овезон шуданаш ва он чи ки бар сараш омад, зикр шудааст, инчунин дар Инҷил омадааст, ки гӯё ӯ баъди се рӯз аз қабраш берун омадааст ва мисли ин бофташудаҳоро оқилон медонанд, ки суханони Худованд нестанд, балки ин гуна суханҳо далолат бар он мекунад, ки бояд суханони шогирдони Исо (а) бошанд, вале уламои насронӣ ҳамаи он суханҳоро бо ҳам омехта ва ҳамаи онро дар маҷмуъ Инҷил ном гузоштанд, ба ҳамин хотир дар назди онҳо чаҳор Инҷилест, ки бо ҳамдигар мухолифанд ва насрониҳо қоиланд, ки ин чаҳор Инҷилро чаҳор шахси мухталифе, ки дар замонҳои гуногун зиндагӣ мекарданд таълиф кардаанд: Инҷили Мутторо шогирди Исо (а) Мутто нӯҳ сол баъди боло рафтани Исо (а) бо забони ибронӣ (забони яҳудииқадим) навиштааст ва Инҷили Марқусро, Марқуси Ҳоруни шогирди Шамъун, баъди бисту се сол аз боло рафтани Исо

(а) бо забони юнонӣ навиштааст ва Инҷили Юҳанноро шогирди Исо (а) Юҳанно шасту чанд сол баъди боло рафтани Исо (а) ба забони юнонӣ навиштааст ва Инҷили Луқоро, Луқои табиби Антокӣ, шогирди Шамъун баъд аз таълифи Марқус навиштааст.

Барои ҳамин аз нигоҳи ақл мувофиқ намеояд, ки ин Инҷилҳо аз зикри номи паёмбаре, ки мегуяд: ман паёмбари охири замонам холӣ набошад ва ӯро дар ин суханаш миллионҳо одамон пайравӣ мекунанд, бо вуҷуди ин, ки он инҷилҳо дар бораи корҳову чизҳои бисёр хурду калон дар чандин саҳифаҳо сухан мегуянд, пас чи гуна аз паёмбари охири замон на бо исмаш ва на бо сифаташ ёдовар нашудааст, чи гуна на Мӯсо ва на Исо (а) аз омадани чунин шахсияте, ки бо даъваташ тарозуи оламро рӯи дигар гардонидааст, уматонашонро огоҳӣ надоданд? Чи гуна китобҳои Илоҳӣ аз аввал то охир дар бораи шахсияте, ки дунё мислашро дар тӯли таърихаш надида буд ва даъвати ӯ аз машриқ то мағриб расидааст, дар бораи ӯ чизе ёдовар нашудаанд.

Бо вуҷуди ҳамаи он кӯшишҳое, ки мардони дин ба хотири нест кардани ҳар он чи ки далолат ба паёмбарии Муҳаммад (с) дар Инҷилу Таврот мекунад, ба харҷ додаанд, аз бисёр будани он башоратҳо бар паёмбарии Муҳаммад (с) онҳоро маҷбур сохт, ки роҳи дигареро дар таҳриф пеш бигиранд, ки он ҳам таъвили маъноҳои калимаҳои Инҷилу Таврот мебошад. Онҳо мехоҳанд маъноҳоеро дар калимаҳои Инҷилу Таврот бидиҳанд, ки тамоман мақсаду ҳақиқати он калимаҳо нест, балки он маъноҳо далолат бар чизҳое мекунанд, ки тамоман хилофи он чи ки дар он китобҳо омадааст, мебошад.

Аз башоратҳое, ки далолат бар сидқу ростии паёмбарии Муҳаммад (с) мекунад ва ӯ ҳамон паёмбарест, ки аз барояш ҳам Мӯсо ва ҳам Исо (а) башорат додаанд, инҳо мебошанд.

**1-** Дар сифри (боби) Таснияи Таврот (Аҳди Қадими Библя) чунин омадааст:

**«Мӯсо ба Бани Исроил гуфт: Фолбинону ситорашиносонро итоат накунед, Парвардигоратон аз бародаронатон мисли**

**ман паёмбаре мефиристад ва шумо ҳамон паёмбарро итоат кунед».**

**2-** Инчунин боз дар сифри Тасния омадааст:

**«Гуфт бароям Парвардтгор: Ҳамоно бисёр хуб сухан гуфтанд, ҳангоми суханронияшон, барояшон аз миёни бародаронашон паёмбаре мефиристам мисли ту ва суханамро дар даҳонаш мегузорам, сипас бо онҳо сухан мегуяд, ҳар ончиро ки барояш васият мекунам».**

Ва ин паёмбар Исо (а) нест, зеро дидем дар ин ҷо омадааст, ки "**аз миёни бародаронашон**" ва бародарони бани Исроил фарзандони Исмоъил мебошанд ва аз бани Исмоил ҷуз Муҳаммад (с) паёмбари дигаре фиристода нашудааст.

Ягон паёмбаре аз паёмбарон мутобиқи ҳазрати Мӯсо (а) нест, магар Муҳаммад (с), ки ӯ низ мисли Мӯсо (а) бо шариати мустақил фиристода шуд, ҳардуи онҳо бо қуввату шуҷоат васф шудаанд ва Худованд ҳардуи онҳоро барои ҷиҳоди душманон амр карда буд, барои ҳамин имкон надорад, ки ин

башоратҳоро дар Исо (а) исбот кард, чунки Исо (а) бо шариати мустақил аз шариати Мусо (а) фиристода нашуда буд, балки шариати Исо (а) пурракунандаи шариати Мӯсо (а) буд, ва ӯ ба ҳамин хотир аз бародарони бани Исроил дониста намешавад ва шахсияте ҳамчун шахсияти Мӯсо (а) шуда ҳам наметавонад.

**3-** Дар сифри Таквин (21:12) омадааст: **«Худованд ба Иброҳим гуфт: Ман фарзанди ту Исмоилро уммати бузурге мегардонам, чунки ӯ аз самараи ту мебошад».**

**4-** Инчунин боз дар сифри Таквин омадааст: Ҳамоно малоикае барои Ҳоҷар модари Исмоил пайдо шуду гуфт: **«Эй Ҳоҷар! Аз куҷо омадӣ ва ба куҷо меравӣ? Вақте ки ҳолашро ба ӯ қисса кард, малоика гуфт: баргард, ман зуриёту самараи туро чунон зиёд мегардонам, ки аз ҳисоб берун мешаванд, акнун бубин ту ҳомила ҳастӣ ва фарзанде ба дунё меорӣ, ки номаш мегузорам Исмоил, чунки Худованд хоксориву залилиятро барояш шунид ва фарзанди ту дар миёни мардум соҳиби ҳайбате мегардад, ки дасташ бар**

**ҳама боло мешавад ва дастони ҳама барои итоати ӯ боз мешаванд».**

Пас ба ғайр аз уммати Муҳаммад (с) кадом умматаст, он уммати бузурге, ки нисбати Исмоил (а) дода шуда буд?. Ва суханаш ки мегуяд: **«Ва фарзанди ту дар миёни мардум соҳиби ҳайбате мегардад, ки дасташ бар ҳама боло мешавад ва дастони ҳама барои итоати ӯ фуру меоянд»,** мақсад аз ин сухан худи Исмоил набуд, чунки дасти Исмоил болои Исҳоқ боло набуд, балки дасти Исҳоқ болои Исмоил боло буд, чунки паёмбарӣ ва подшоҳӣ дар фарзандони Исроил ва Ъис буд, ки ҳарду аз фарзандони Исҳоқ буданд.

Пас мурод аз ин ишора бешаку шубҳа Муҳаммад (с) аст, ки аз фарзандони Исмоил мебошад ва суханаш, ки мегуяд: **«Ва фарзанди ту дар миёни мардум соҳиби ҳайбате мегардад»** бо сухани Паёмбар (с), ки мегуяд: **"Нусрат дода шудам бо ҳайбату тарс то як моҳа роҳ"**, яъне, тарсу ҳайбаташ дар синаи душманонаш чойгир мешавад, дар ҳоле ки ӯ аз онҳо то як моҳа роҳ дур

аст, ин сухани паёмбар (с) бо он башорат бисёр мувофиқ омадаву ҳамдигарро тасдиқ мекунанд.

Пас ин ҳамон паёмбарест, ки подшоҳон ва мардум барояш сари итоат фурӯ овардаанд ва дастҳо барои итоати ӯ боз шуданд.

**5-** Ва дар сифри Тасния (1:33) омадааст: **«Худованд нурашро аз Сино таҷаллӣ дод ва сипас онро аз кӯҳҳои Соъир пахш кард ва аз кӯҳҳои Форон худро нишон дод»**

Ин башоратест, ки паёмбарии Мӯсо ва Исо (а) ва Муҳаммад (с)-ро замонат медиҳад.

Таҷаллӣ додани Худованд нурашро аз Тури Сино ишора ба он ваҳйи Илоҳист, ки бар Мӯсо (а) нозил шуда буд ва ин бо иттифоқи мусулмонону яҳудиёну насрониён мебошад, ва пахш кардани нурашро аз кӯҳҳои Соъир, ишора бар ваҳйест, ки бар Исо (а) нозил кард ва Исо (а) аз деҳаи Халил аст, ки дар ҳамсоягии Байтуллаҳм, зодгоҳи Исо (а) қарор дорад, дар он ҷо кӯҳҳои Соъир ҷойгир ҳастанд.

Ва аммо мақсад аз Худро нишон додани Худованд аз кӯҳҳои Форон, ишора бар нозил шудани Қуръону ваҳйи бар паёмбари ислом Муҳаммад (с) мебошад, чунки кӯҳҳои Форон бо иттифоқи яҳудиёну насрониҳо ва мусулмонон, кӯҳҳои Макка мебошанд ва далел аз Таврот барои он ки Форон кӯҳҳои Макка мебошанд, дар зикри ҳоли Исмоил дар Таврот омадааст: "**Ва Худованд ҳамроҳи ӯ буд ва бузург шуду зиндагонӣ кард дар саҳро ва гашт ҷавоне, ки тавонои найзазаниро аз худ кард ва дар Форон зиндагӣ кард ва гирифт барои ӯ модараш занеро аз аҳли Миср»**

(Сифри Таквин 21:22)

Ва дар Қуръон ояте омадааст, ки ин башоратро таъйид мекунад, Худованд мефармояд:

﴿وَٱلتِّينِ وَٱلزَّيۡتُونِ ۝١ وَطُورِ سِينِينَ ۝٢ وَهَٰذَا ٱلۡبَلَدِ ٱلۡأَمِينِ ۝٣﴾ [التين: ١ – ٣]

**«Савганд ба анҷиру зайтун, Савганд ба Тури муборак, Савганд ба ин шаҳри эмин».**

(Сураи Тин, ояти 1-3)

Дар ин оятҳо макон ва минтақаҳое, ки ин се паёмбар зуҳур карданд, зикр шудааст.

Мақсад аз ин оят: **"Савганд ба анҷиру зайтун"**, ҷое мебошад, ки ин меваҳо месабзанд мебошад, ва он ҷойҳо заминҳои муқаддас мебошанд, ки Исо (а) аз онҷо зуҳур карда буд ва мақсад аз **"Савганд ба Тури синин"** ин кӯҳе мебошад, ки дар он ҷо Худованд бо Мӯсо (а) сухан гуфта буд, пас он ҷое ҳаст, ки паёмбарии Мӯсо (а) зуҳур карда буд ва мақсад аз **"Савганд ба ин шаҳри эмин"**, Макка мебошад, ки паёмбари ислом аз он ҷо ба паёмбарӣ фиристода шуда буд.

**6-** Дар сифри Ашъиё (12:29) омадааст: "**Дода мешавад китоб ва ба ӯ гуфта мешавад, ки инро бихон, Ӯ мегуяд навиштан, наметавонам".** Пас ба ғайр аз Муҳаммад (с) кист он шахсе, ки навиштанро наметавонад.

Худованд мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ ٱلرَّسُولَ ٱلنَّبِيَّ ٱلۡأُمِّيَّ ٱلَّذِي يَجِدُونَهُۥ مَكۡتُوبًا عِندَهُمۡ فِي ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَٱلۡإِنجِيلِ ١٥٧﴾ [الأعراف: ١٥٧]

**«Онон, ки пайравӣ мекунанд аз ин расул, он паёмбари уммие, ки номашро дар Тавроту Инҷили худ навишта меёбанд»**

(Сураи Аъроф, ояти 157)

Башоратҳое, ки дар Таврот дар ин бора омадааст, хеле зиёданд ва мақсади мо ҷустуҷӯ ва иктишофи ҳамаи онҳо нест, балки мақсади мо шавқманд сохтани мардум ба он аст, ки худи онҳо аз ҳақиқат ҷустуҷӯ кунанду онро пайдо кунанд ва барои инсоне, ки фикри озод дорад, ишора басанда мебошад.

Аммо дар Инҷил низ ҳамчунон башоратҳои зиёде дар мавриди паёмбари Ислом Муҳаммад (с) ёдовари шудааст.

Аз ҷумлаи он чи ки дар Инҷил омадааст:

**1-**Дар Инҷили Юҳанно (14:30) омадааст: "**Ман шуморо он қадар зиёд хитоб намекунам, чунки сарвари ин олам омаданист**".

Пас кист он сарвари оламе, ки баъди Исо (а) омаданист, ба ғайр аз Муҳаммад (с)? Чунки

Худованд бо омаданаш паёмбариро хотима бахшид ва ӯро шариати комилу пуррае дод, ки дар ҳама замону макон лоиқи истифода мебошад.

**2**- Дар Инҷили Матто (1:42) омадааст: "**Оё надидед сангеро, ки бинокорон ба таъхир андохтанд, аз асосҳои кунҷи девор гаштааст бо амри Худо, ин дар чашмони мо бисёр аҷиб вонамуд мешуд, ба ҳамин хотир ба шумо мегуям: Малакути Худованд аз шумо гирифта мешавад ва ба уммати дигаре дода мешавад, ки аз самарааш баҳраманд мешаванд ва ҳар кӣ аз ин санг хато хӯрд ва афтод, пас гумроҳ шудааст**"

Инро паёмбари ислом Муҳаммад (с) баён кардааст, ки ӯ ҳамон хиштест, ки ӯро бинокорон ба таъхир андохтанд ва бо гузоштанаш девори хона комил мегардад, чунон ки мефармояд: **«Мисоли ману паёмбарони гузашта мисли онаст, ки марде хона месозад ва ӯ он хонаро пурра месозад, вале дар девори он ҷои хиште боқӣ мемонад ва мардум дар атрофи он хона давр мезаданд ва таъаҷҷуб мекарданду мегуфтанд:**

**Оё ин хиштро касе намегузорад?! Ва ман ҳамон хишт мебошам»**

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Пас оё ин ҳадис мувофиқи он чи Исо (а) хабар дода буд, нест? Оё ин далолат бар он намекунад, ки Муҳаммад (с) ҳамон паёмбарест, ки Исо (а) аз ӯ башорат дода буд?! Ин чунин пас ба ғайр аз уммати Муҳаммад (с) кист он уммате, ки малакути Худованд ба онҳо дода шуд?!

Исо (а) мегуяд: "**То ин ки ман наравам, Фориқлит намеояд ва агар омад, оламро барои хатоҳояш маломат хоҳад кард ва аз пеши худ сухан намегуяд, вале аз ончи мешунавад ва бо шумо сухан мегуяд ва шуморо бо ҳақ сарварӣ мекунад ва шуморо аз ҳодисаҳову ғайбҳо хабар медиҳад.**"

(Инҷили Юҳанно 5:16)

Ин васф ба ғайр аз Муҳаммад (с) ба каси дигаре мутобиқ намеояд, чунки ӯ буд, ки баъди Исо (а) омад, ва ӯ буд, ки оламро барои хатоҳояш маломат

кард ва ӯ буд, ки аз пеши худ сухан намегуфт, чунон ки дар Қуръон омадааст:

﴿وَمَا يَنطِقُ عَنِ ٱلۡهَوَىٰٓ ۝٣ إِنۡ هُوَ إِلَّا وَحۡيٞ يُوحَىٰ ۝٤﴾ [النجم: ٣ – ٤]

**«Ва сухан аз рӯи ҳаво (ҳавас) намегӯяд. Ин сухан фақат он чизест, ки ба ӯ ваҳй мешавад»**

(Сураи Наҷм, ояти 3-4)

Албатта ӯст, ки одилона ҳукм мекунад ва мардумро бо ҳақ сарвари мекунад.

Худованд мефармояд:

﴿وَلَا يَجۡرِمَنَّكُمۡ شَنَـَٔانُ قَوۡمٍ عَلَىٰٓ أَلَّا تَعۡدِلُواْۚ ٱعۡدِلُواْ هُوَ أَقۡرَبُ لِلتَّقۡوَىٰۖ ۝٨﴾ [المائدة: ٨]

**«Бадбинӣ бо гурӯҳе дигар водоратон накунад, ки адолат накунед. Адолат варзед, ки ба тақво наздиктар аст»**

(Сураи Моида, ояти 8)

Ва ӯст, ки аз ҳодисаҳо ва ғайбҳо хабар дода буд, чунон ки аз аломатҳои хурду калони омадани рӯзи

қиёмат хабар дода буд ва бисёре аз аломатҳои хурде, ки хабар дода буд зоҳир шуданд ва боқимондаи аломатҳое, ки ӯ бароямон хабар дода буд, бе шакку шубҳа рӯй хоҳанд дод.

**3-** Дар Инҷили Юҳано (14:16)мегуяд: **«Фарзанди башар раванда ҳаст ва Фориқлит баъд аз ӯ хоҳад омад ва бароятон бисёре аз сиру асроре меораду ҳамаи чизро бароятон хоҳад фаҳмонд ва ӯ бароям шаҳодат медиҳад, чунон ки ман барояш шаҳодат додам, ман барои шумо масалҳо меорам ва ӯ бароятон таъвилҳо меорад».**

Ин васф ба ғайр аз Муҳаммад (с) ба каси дигаре ҳеҷгоҳ мувофиқ намеояд.

Калимаи Фориқлит бо ҳарфҳои лотини навишта мешавад ва мумкин аст, ки бо ин шакл навишта шавад **(PARAKLETOS)** ва ба маънои иззатдиҳанда ва васияткунандаву ҳимояткунанда меояд ва мумкин аст, ки агар ду ҳарфи (A)-ро ба (E) табдил диҳем, ин хел хонда мешавад **(PERERLOTOS)** дар ин сурат маънояш бо номи

Муҳаммад ва Аҳмад ё Ҳаммод ва Ҳамд бисёр наздик мешавад.

Ва уламои аҳли китоб бисёр кӯшиш мекунанд, ки нутқи аввали калимаро **(PARAKLETOS)** истифода баранд, чунки агар нутқи дувумро **(PERERLOTOS)** истифода баранд маънояш ба Муҳаммад наздик аст ва ин ду нутқ, чуноне ки маълум аст бисёр бо ҳамдигар наздик мебошанд ва тарҷумаи аслии ӯ гум шудааст, магар ин ки боқимондаи башоратҳо далолат бар он мекунанд, ки мурод шахсият мебошад, на сифати шахс ва далел бар он ки мурод (мақсад) аз Фориқлит (Ҳамд) мебошад, сухани Юшаъ ибни Нун аст, ки мегуяд: **«Ҳар кӣ амали хубе анҷом диҳад, пас барои ӯ фориқлити хубест»**, яъне ҳамди хубест.

**(Мухтасари исботи паёмбарии Муҳаммад (с) аз Муҳаммад Иброҳими Ҳаҷҷоҷ с 74".**

Фориқлитро ба хотири он ба маънои иззатдиҳанда тарҷума кардаанд, ки ин башоратро аз паёмбари ислом бартараф кунанд ва гуё ки маънояш (Руҳулқудс) мебошад, бо вуҷуди ин ки калимаи (Руҳулқудс) бо таври ошкор бо ҳамин

лафз дар чандин ҷойҳои чаҳор Инҷил зикр шудааст, пас агар маънои Фориқлит (Руҳулқудс) мешуд, ӯро ошкор зикр мекарданд ва эҳтиёҷ ба он набуд, ки ӯро бо дигар маъно зикр кунанд.

Ҳамаи инҳо далолат бар он мекунад, ки калимаи (Фориқлит) маънои (Руҳулқудс)-ро надорад.

(Рад, аз Абдураҳмон Умар Бакри Хатиб с. 183)

Дар Инҷили Матто (1:3) ва дар Инҷили Марқус (1:7) ва дар Инҷили Юҳанно (1:27) аз Юҳано Маъмадон омадааст, ки гуфт: "**Оне ки баъд аз ман меояд, аз ман ҳам бо азаматтар аст". **Ва имкон надорад, ки мақсад аз ин сухан Исо (а) бошад, чунки Исо (а) дар замони Юҳанно зиндагӣ мекард ва ҳарду шогирд буданд ва бо ҳамдигар зиндагӣ мекарданд ва ҳатто ҳамсол ҳам буданд ва ин бо ақл мувофиқ намеояд, ки Юҳанно бигуяд, ки "**Оне ки баъд аз ман меояд, аз ман ҳам бо азамат аст**", ва мақсадаш Исо (а) бошад, чунки ӯ Исо (а)-ро ҳар рӯз мушоҳида мекард, ва бо ӯ менишаст ва ӯ фарзанди холааш буд. Ва инчунин Исо (а) низ ҳеҷ гоҳ нагуфта буд, ки ман аз Юҳанно бо азаматтарам.

Хулоса ин аст, ки мо даъват ба сӯи он мекунем, ки дар ин маврид ҷустуҷӯ ва баҳсу кофтуковҳои зиёде шавад, то ки ҳақиқатҳоеро, ки мудати чандин замонҳост ки баъзе мардум дидаву диниста пинҳон нигоҳ доштаанд, барои ҳама кашфу ошкор шавад ва ман яқин дорам, ки агар баҳсҳо ва ҷустуҷӯҳои ҷиддӣ ва холӣ аз асабият сурат бигирад, ҳамаро ба ин сухан бурда мерасонад ки чунин аст:

(لا إله إلا الله محمد رسول الله)

**«Нест худое, ки сазовори ибодат бошад, ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад паёмбари Ӯст»**

## Мундарича

Рисолаи такмил дар шинохти паёмбари ислом (с)... 5

Паёмбари ислом Муҳаммад (с)-ро Бишнос………… 7

Аслу насаби паёмбар (с)……………………………... 11

Номҳои паёмбар (с)…………………………………….. 11

Покии насаби паёмбар (с)………………………….... 13

Таваллуди паёмбар (с)……………………………….. 15

Ширхорагии паёмбар (с)…………………………….. 17

Вафоти модари паёмбар (с)………………………… 18

Худованд паёмбарашро аз амалҳои ҷоҳилият нигоҳ медошт…………………………………………………….. 20

Хонадоршавии паёмбар (с)………………………….. 22

Вафоти Хадиҷа (р)……………………………………….. 23

Фарзандони паёмбар (с)……………………………... 24

Наберагони паёмбар (с)……………………………... 26

Амакҳои паёмбар (с)…………………………………. 27

Аммаҳои паёмбар (с)………………………………… 28

Худованд паёмбарашро ба сӯи мардум фиристод... 29

Сабри паёмбар (с) бар азобҳову машаққатҳо………. 36

Раҳми паёмбар (с) ба қавмаш………………………… 38

Ҳиҷрати паёмбар (с) ба Мадина……………………… 41

Ғазавоти паёмбар (с)………………………………….. 42

Ҳаҷу умраи паёмбар (с)……………………………... 44

Сифатҳои паёмбар (с)………………………………... 45

Ахлоқи паёмбар (с)…………………………………... 46

Фазлу бузургии паёмбар (с)………………………… 49

Ибодатҳо ва рӯзгору маъишати паёмбар…………… 51

Муҳимтарин ҳодисаҳое, ки дар ҳаёти паёмбар (с) гузаштанд………………………………………………. 53

Ҳамоно ту дорои ахлоқи азиме ҳастӣ 56

Намунае аз ахлоқи паёмбар (с)……………………….. 56

Намунае аз ахлоқу одоби паёмбар (с)………………... 63

Ахлоқи паёмбар (с) дар хонааш…………………… 66

Ахлоқи паёмбар (с) бо хидматгузоронаш…………... 68

Рафтори  паёмбар (с) бо кӯдакон……………………... 69

Рафтори паёмбар (с) бо мардум……………………… 73

Баровардани паёмбар (с) ҳоҷатмандии занҳоро…………………………………………………….. 74

Баровардa сохтани паёмбар (с) ҳоҷатҳои занҳои канизро…………………………………………………….. 75

Хайрхоҳӣ ва саховатмандии паёмбар (с)……………. 76

Дилкушодии паёмбар (с)…………………………………. 79

Хушгуфтории паёмбар (с) дар сарзаниш карданаш 82

Хушгуфтории паёмбар (с) бо дидани чизе, ки дӯст медошт ва ё чизеро бад медид………………………… 83

Боҳаёии паёмбар (с)…………………………………… 84

Табассуми паёмбар (с)…………… 85

Шӯхиҳои паёмбар (с)…………………………………… 86

Бахшишҳо ва даргузаштҳои паёмбар (с)……………. 88

Қувват ва шуҷоати паёмбар (с)……………………….. 92

Хоксории паёмбар (с)……………………………... 94

Хушмуомилагии паёмбар (с)……………………….. 96

Меҳрубонӣ ва шафқати паёмбар (с) бар умматаш... 97

Меҳрубонӣ ва шафқати паёмбар (с) ба ҳайвонҳо….. 101

Аввалин муаллим……………………………. 104

Меҳрубонӣ бо шогирдон (таълимгирандагон)……... 111

Аз намунаҳои меҳрубонии паёмбар (с) бо шогирдон…………………………………………….. 111

Сарзанишҳои холӣ аз ранҷиш………………… 116

Омӯхтан ба хотири тайёр кардани шахсиятҳои намунавӣ…………………………………………... 118

Омӯзонидан бо гуфтугӯ ва қаноъатманд сохтан аз нигоҳи ақлӣ…………………………………….. 122

Омӯзонидан бо усули такрор……………………….. 125

Омӯзонидан ба даъват кардани мардум ба сӯи фикр кардан ва кор фармудани ақл………………….. 127

Омӯзонидан бо тарзи сахтгирӣ ва тарсондан………. 129

Муҳаммад (с)  дар Таврот ва Инҷил…………………... 132

Муждаҳо…………………………………………... 141

Мундариҷа………………………………………... 160